ВАЗОРАТИ МОЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Стратегияи идоракунии молияи давлатии
Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи
то соли 2030

# ҲИСОБОТ

2024
2025

оид ба рафти иҷро дар солҳои

Барномаи миёнамуҳлати амал
барои солҳои 2024-2026

ДУШАНБЕ – 2026

# ХУЛОСАИ МУХТАСАР

Вазифаи асосии Стратегияи идоракунии молияи давлатӣ барои давраи то соли 2030 пеш аз ҳама аз муайян намудани самтҳои умумии ислоҳот дар соҳаи идоракунии молияи давлатӣ иборат мебошад, ки барои баланд бардоштани интизоми фискалӣ, беҳтар намудани самаранокии тақсимоти захираҳои молиявӣ, назорати доимӣ оид ба истифодабарии захираҳои молиявӣ ва хароҷоти мақсадноки воситаҳои пулии давлатӣ, банақшагирии воқеии дурнамои (ояндабинии) захираҳои молиявӣ барои афзалиятҳои муайяншуда, баланд бардоштани самаранокии амалиётӣ ва таъмини шаффофият ва тобеияти ҳисоботдиҳии маблағҳои давлатӣ равона гардидааст.

Ҳадафҳои болозикр тавассути қабули барномаҳои миёнамуҳлат татбиқ карда шуда, Барномаи миёнамуҳлати амал оид ба амалисозии Стратегияи идоракунии молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дар солҳои 2024 - 2026 марҳилаи дуюми татбиқи Стратегияи мазкурро фаро мегирад.

Дар маҷмуъ нақшаи амали Барномаи миёнамуҳлати болозикр 67 чорабиниро дар бар мегирад, ки ба 7 самти афзалиятнок гурӯҳбандӣ шуда, оғози татбиқи 62 банди он ба солҳои 2024-2025 рост меояд.

## 1. Тадбирҳо оид ба устувории чаҳорчубаи макрофискалӣ ва рушди даромадҳои давлатӣ

Фасли мазкур ба таъмин намудани устувории макрофискалӣ ва заминагузорӣ ба зиёд гардидани қисми даромади буҷети давлатӣ бахшида шуда, дар он чорабиниҳо вобаста ба банақшагирии стратегӣ, дурнамои даромадҳои давлатӣ, бозбинӣ намудани чаҳорчӯбаи миёнамуҳлати макрофискалӣ пешбинӣ гардидааст ва аз 9 банд иборат мебошад. Дар солҳои 2024-2025 аз 9 банди пешбинишуда 7 банд пурра иҷро ва 2 банди дигар дар раванди татбиқ қарор дорад.

Аз ҷумла, дар ин замина иҷрои фасли мазкур бо мақсади бароҳ мондани мониторинги доимӣ ва баррасии раванди татбиқи Стратегияи ИМД аз ҳисоби кормандони воҳидҳои сохтории вазорат котиботи идоракунии молияи давлатӣ бо фармоши Вазорати молия таъсис дода шудааст.

Инчунин, ҷиҳати боз ҳам баландтар намудани мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раддабандии шаффофияти буҷетӣ Тартиби таҳияи шарҳи нимсола ва солонаи ҳисоботи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия карда шуда, бо фармоиши Вазорати молия тасдиқ карда шудааст, ки тибқи он шарҳи нимсола ва солонаи 2024 ва нимсолаи аввал соли 2025, ки яке аз

ҳуҷҷатҳои калидӣ ҳангоми баҳодиҳӣ ва шаффофиат ба ҳисоб меравад, таҳия ва дар сомонаи Вазорати молия ҷойгир карда шудааст.

Ҳамзамон, бо мақсади такмили малакаи дониши кормандони мақомоти молия Вазорати молия якҷо бо вазорату идораҳои дахлдор дар доираи дастгирии ташкилотҳои байналмилалӣ ва ҷалби коршиносони байналмилалӣ чорабиниҳои омӯзишӣ мунтазам баргузор карда шудааст.

Дар баробари ин, дар доираи Барномаи таълимии курсҳои нақшавии Маркази такмили ихтисоси кормандони мақомоти молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки кормандони масъули Вазорати молия ҷиҳати баланд бардоштани дониш ва малакаи касбии кормандони мақомоти молия, бахусус мақомоти молия дар маҳал чорабиниҳои омӯзишӣ баргузор мунтазам баргузор карда шудааст.

Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳияи чаҳорчубаи макрофискалӣ қисми ҷудонашавандаи раванди таҳияи буҷети давлатӣ маҳсуб меёбад. Хамзамон, нишондиҳандаҳои ҷадиди макрофискалӣ ва дурнамо дар доираи чаҳорчубаи макрофискалӣ бисёр муҳим мебошад, зеро дар асоси онҳо амалан буҷети давлатии солона ва барномаи миёнамудлати хароҷоти давлатӣ таҳия карда мешавад.

## 2. Тадбирҳо оид ба банақшагирии хароҷоти давлатӣ

Иҷрои тадбирҳо оид ба банақшагирии хароҷоти давлатӣ нишон медиҳад, ки Ҳукумати кишвар ҳадафҳои стратегии гузоштаашудаи худро пайгирӣ намуда, кушишҳоро ҷиҳати татбиқи саривақтии онҳо идома дода истодааст.

Вазорати молия чорабиниҳои дахлдорро ҷиҳати амалинамоии барномаи миёнамуҳлати хароҷоти давлатӣ, ки яке аз унсурҳои асосии дурнамосозии банақшагирии хароҷоти давлатӣ ба ҳисоб меравад, татбиқ намуда, дар доираи тадбири мазкур заминаи меъёрию ҳуқуқӣ оид ба дарҷи аз рӯйи соҳаҳо ва тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷетӣ бозбинӣ гардидааст.

Яке аз тағйиротҳое, ки ба Дастурамал оид ба таҳияи буҷети давлатӣ ворид карда шуд, ин дарҷи нишондиҳандаҳои индикативии хароҷоти соҳаҳо ё ҳадди ниҳоии хароҷоти пешакии соҳаҳо мебошад. Тибқи тағйироти мазкур хароҷоти соҳаҳо аз ҷониби тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷетӣ дар доираи нишондихандаҳои мазкур таҳия гардида, нишондиҳандаҳои пешниҳодшаванда аз ҷониби тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷетӣ метавонад дар фосилаи 10 - 12 фоиз кам ва ё зиёд ҳисоб гардад.

Дар доираи чорабиниҳо оид ба беҳтар намудани интизоми фискалӣ банақшагирии хароҷоти буҷети давлатӣ дар заминаи буҷетикунонии ба натиҷа нигаронидашуда ба роҳ монда шуда истодааст. Буҷетикунонии барномавӣ

ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати молиявии пешгирифтаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб ёфта, бо мақсади дар сатҳи зарурӣ татбиқ намудани он тадбирҳои муайяне амалӣ гардида истодааст.

Дар баробари ин тадибирҳо оид ба мукаммалнамоии буҷутекунонии барномавӣ идома дорад.

Дар маҷмуъ фасли дуюми Барнома ба талаботи замони муосир мутобиқ намудани низоми идоракунии қарзи давлатӣ, амалӣ гардондани тадбирҳо ҷиҳати татбиқи барномаи миёнамуҳлати хароҷоти давлатӣ, мукаммалнамоии заминаи меъёриҳуқуқӣ оид ба дарҷи ҳадди ниҳоии хароҷоти соҳаҳо ва тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷетӣ дар дастурамалҳои таҳияи лоиҳаи буҷети давлатӣ, бозбинии гуруҳбандии барномавӣ, таҳияи дастурҳои методӣ оид ба муайян намудани нишондиҳандаҳои ғайримолиявӣ ва мониторинги барномаҳои буҷетӣ, ба талаботи замони муосир мутобиқ низоми идоракунии қарзи давлатӣ ва коғазҳои қиматноки давлатӣ бахшида шудааст.

Самти банақшагирии хароҷоти давлатӣ иҷрои 16 банд пешбинӣ гардидааст, ки татбиқи 13 банди он дар солҳои 2024-2025 оғоз ёфта, аз он 3 чорабинӣ пурра иҷро, 7 чорабинии он дар раванди татбиқ ва татбиқи 3 чорабинӣ то охири амалишавии барнома ба нақша гирифта шудааст.

**3. Тадбирҳо оид ба иҷрои буҷет ва даромадҳои давлатӣ**

Чорабиниҳои ба банди мазкур алоқаманд ба истифодаи пурраи модули хавф ва ба хавф нигаронидашуда (яъне методология) ҳангоми гузаронидани санҷишҳои андоз, инчунин ҷорӣ намудани раванди дар шакли электронӣ баргардонидани маблағи андоз аз арзиши иловашуда, такмил додани меъёрҳои арзёбии дараҷаи ба хавф нигаронидашуда ва таъмини шаффофият ва ҷамъоварии маблағҳои иловагии андоз ба буҷети давлатӣ нигаронида шуда, аз ҷониби мақомотҳои марбутаи кишвар ҷиҳати татбиқи онҳо корҳои муайян ба анҷом расонида шудааст.

Дар иртибот ба иҷрои қисмати мазкур аз ҷониби ниҳодҳои дахлдори давлатӣ корҳои муайянеро ба анҷом расонида, дар ин самт корҳои ислоҳоти идома доранд.

Аз ҷумла, ҷиҳати тақвият бахшидан ба ҷорӣ намудани дар шакли электронӣ баргардонидани маблағи андоз аз арзиши иловашуда аз ҷониби Кумитаи андоз бақайдгирии андозсупорандагон ба сифати супорандаи андоз аз арзиши иловашуда ва аз Феҳристи супорандагони ҳамин намуди андоз хориҷ намудани онҳо ба таври автоматӣ амалӣ карда шудааст.

Инчунин, зерсистемаи идораи таваккал бо истифода аз модули иловагии «Дата Майнинг», ки яке аз қисматҳои зеҳни сунъӣ ба ҳисоб меравад, дар Хадамоти гумрук мавриди истифода қарор дода шуд. Зерсистемаи мазкур

молҳоеро, ки ҳамчун молҳои таваккал ҳаммонанд карда мешаванд, муайян намуда, ҷиҳати татбиқи санҷиши иловагӣ нисбат ба ин намуди молҳо ба таври электронӣ хабар медиҳад.

Дар баробари ин, ҷиҳати автоматикунонии амалиётҳои муҳосибӣ модулҳои низоми иттилоотии идоракунии молияи давлатӣ оид ба идоракунии маблағҳои пулӣ, идоракунии уҳдадориҳо ва дороиҳо таҳия карда шудааст.

Мақсади асосии коркард ва таҳияи модулҳои иловагӣ пеш аз ҳама соддаю шаффоф намудани амалиётҳои молиявӣ дар самти назорат ва идоракунии дурусти маблағҳои пулӣ, гузаронидани корҳои таҳлилӣ, таҳияи дурнамои дақиқ дар асосӣ алгоритмҳои дар модулҳо пешбинишуда, назорати иҷрои уҳдадориҳои буҷетӣ ва таҳияи феҳристи дороиҳои бахши давлатӣ буда, мутобиқ ба таҷрибаи ҷахонӣ мебошад.

Бо мақсади ба талаботи замони муосир мутобиқ намудани тартиби фаъолият дар портали ягонаи хариди давлатӣ бо фармоиши Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Қоидаҳои хариди давлатии электронӣ» санаи 14 марти соли 2025 тасдиқ гардида, мавриди амал қарор дода шуд. Қоидаҳои мазкур тартиби хариди давлатии электронӣ ва тартиби анҷом додани фаъолият дар Портали ягонаи хариди давлатии электронӣ муайян менамояд, ки он тавассути портали ягонаи хариди давлатии электронӣ ба роҳ монда мешавад.

Дар ин қисмати барнома иҷрои 12 чорабинӣ пешбинӣ гардидааст, ки аз чорабиниҳои пешбинишуда 5 чорабинӣ иҷро, 6 чорабинӣ дар раванди татбиқ ва татбиқи 1 чорабинӣ дар соли охири марҳилаи барнома муайян гардидааст.

## 4. Тадбирҳои ислоҳот оид ба назорати молиявӣ ва аудити дохилӣ

Тадбирҳо оид ба назорати молиявӣ ва аудити дохилӣ фарогири ду чорабинӣ, яъне таҳия ва тасдиқи методологияи гузаронидани аудити ба таваккал асосёфта ва таъмини фарогирии пурра дар сатҳи ҷумҳуриявӣ тавсеаи тадриҷани вазифаҳои аудити дохилии маблағҳои буҷетӣ, ки қаблан аз ҷониби тақсимкунандагони асосӣ ва муассисаҳои дигари давлатӣ ба аудити дохила фаро гирифта нашудаанд, мебошад.

Ҳадафи асосии чорабиниҳои мазкур ҷорӣ намудани усулҳои аудити дохилӣ дар бахши давлатӣ дар асоси хатарҳои муаяншуда ва ба аудити дохилӣ пурра фаро гирифтани маблағҳои буҷетӣ буда, дар якҷоягӣ бо лоиҳаи Бонки умумиҷаҳонӣ оид ба мукаммалгардонии идоракунии молияи давлатӣ корҳои муайяне қисман ба анҷом расонида шуда, анҷоми пурраи қисмати аввал дар муҳлати пешбининамудаи барнома таъмин карда мешавад.

Бо мақсади таҳия ва бозбинии санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи аудити дохилӣ дар ташкилотҳои бахши давлатӣ, инчунин мутобиқ намудани

стандартҳои байналмилалии аудити дохилӣ ба стандартҳои миллӣ аз ҷониби мушовирони байналмилалӣ вазифаи техникӣ омода гардид.

Аз ҷониби раёсати аудити дохилӣ ва назорати Вазорати молия бо мақсади дар сатҳи зарурӣ фаро гирифтани ташкилотҳои ҷумҳуриявӣ, нақшаи корӣ тартиб дода шуда, дар асоси он мунтазам оид ба ҳолати риояи қонунгузорӣ, инчунин сарфаю самаранок истифодабарии маблағҳои буҷетӣ дар гирандагони маблағҳои буҷетие, ки сохтори аудити дохилӣ надоранд тахлилҳои аудитории фаъолияти онхо гузаронида мешавад.

Татбиқи чорабиниҳои мазкур имкон медиҳад, ки низоми аудити дохилӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври зарурӣ рушд намуда, тамоми санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи соҳавӣ мутобиқ ба стандартҳои байналмилалӣ омода гардида, ҷиҳати самараноку мақсаднок истифодабарии маблағҳои буҷетӣ дар ташкилоту муассисаҳои давлатӣ саҳми худро гузорад.

## 5. Тадбирҳо оид ба баҳисобгирии муҳосибавӣ, мониторинг ва ҳисоботдиҳӣ

Дар ин фасл татбиқи 17 чорабинии алоқаманд ба таъмин намудани дастрасии фосилавии тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷетӣ ба низоми иттилоотии идоракунии молияи давлатӣ, ҳамгирой ва пурра худкор намудани (дар сатҳи техникӣ ва меъёрӣ) низоми электронии хариди давлатӣ, даромадҳо, ҳуҷҷатҳои электронӣ ва идоракунии захираҳои кадрӣ ва ҳамгироии пурраи ин низомҳо бо низоми иттилоотии идоракунии молияи давлатӣ ва амалинамоии чорабиниҳо оид ба мукаммалсозии баҳисобгирии муҳосибӣ дар бахши давлатӣ оғоз гардида, татбиқи 8 чорабинии он пурра анҷом ёфта, бинобар сабаби то соли 2026 пешбинӣ гардидани амалишавӣ, татбиқи 9 чорабинӣ дар ҳолати корбарӣ қарор дорад.

Амалинамоии чорабиниҳои мазкур ба рушди низоми иттилооти дар идоракунии молияи давлатӣ дар кишвар, ҷиҳати аз байн бурдани ҳуҷҷатгузориҳо бидуни таҳвили шакли коғазӣ, соддаю шаффоф намудани амалиётҳои молиявию муҳосиби мусоидат менамояд. Ҳамзамон ҷараёни ба роҳ мондани таҳлилҳои соҳавиро осон намуда, модернизатсияи низоми иттиллоти дар идоракунии молияи давлатӣ таъмин карда мешавад.

Татбиқи чорабинии алоқаманд ба дастрасии фосилавӣ ба тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷетӣ, ҳамгироии низоми низоми иттилоотии идоракунии молияи давлатӣ бо иттилоотии хариди давлатӣ ва низоми иттилоотии ҳуҷҷатҳои электронӣ анҷом ёфта, бо мақсади ҳамгироии барномаи iMOF, Низоми иттилоотии идоракунии захираҳои инсонӣ бо Низоми иттилоотии идоракунии молияи давлатӣ, таҳияи модули баҳисобгирии муҳосибӣ ва маҷмӯан мукаммалгардонии Низоми иттилоотии идоракунии

молияи давлатӣ корҳо оғоз гардидаанд ва тибқи нақша ба муҳити истеҳсолӣ бароварда мешаванд.

Стандартҳои байналмилалии ҳисоботдиҳии молиявӣ як унсури асосии маҷмӯи қоидаҳо ва принсипҳо мебошанд, ки тартиби таҳия, пешниҳод ва нашри ҳисоботи молиявиро барои ташкилоту ширкатҳо дар сатҳи байналмилалӣ муайян менамоянд ва онҳо дар сатҳи ҷаҳонӣ эътироф карда мешаванд.

Ҷиҳати такмили тахассуси касбӣ, донишу малака ва қобилияти муҳосибон барои иҷрои уҳдадориҳои мансабӣ, инчунин ҷиҳати танзим намудани мутобиқатии сармуҳосибони ташкилоту муассисахо, новобаста аз шакли моликият ба талаботи қонунгузории амалкунанда «Тартиби додани сертификат ва шартҳои сертификатсияи муҳосиби касбӣ ва барномаи электронии баҳисобгирии мухосибӣ» таҳия ва тасдиқ гардидааст.

## 6. Тадбирҳо оид ба аудити беруна ва назорат

Таҳкими заминаи меъёрию ҳуқуқии миллӣ дар соҳаи аудити беруна яке аз самтҳои дигари ислоҳотҳои пешбинишудаи Барномаи миёнамуҳлати амал ба ҳисоб меравад. Палатаи ҳисоб масъули иҷрои ин ҳадаф муайян гардидааст ва дар ин самт татбиқи 4 чорабинӣ пешбинӣ карда шудааст.

Ҷиҳати мутобиқ намудани фаъолият бо стандартҳои байналмилалии аудит ва амалишавии Ҳадафҳои рушди устувор, Палатаи ҳисоб дар солҳои 2024-2025 Роҳнамо «Оид ба гузаронидани аудити экологӣ дар заминаи аудити молиявӣ, мутобиқат ва самаранокӣ» - ро таҳия ва мавриди амал қарор дод.

Ҳамчунин «Таснифи вайронкунии қоидаҳои молиявӣ» аз ҷониби Палатаи ҳисоб дар ҳамкорӣ бо Вазорати молия тасдиқ гардида, мавриди истифода қарор дода шуд. Таснифи вайронкунии қоидаҳои молиявӣ, ки дар объектҳои аудити давлатӣ муайян карда мешаванд, намудҳои вайронкунии қоидаҳои молиявии дар таснифи мазкур муқарраргардидаро маҳдуд намекунад.

Ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои Нақшаи стратегияи рушди Палатаи ҳисоб малакаи касбии кормандон баланд бардошта шуда истода, фаъолият дар самти ҷорӣ намудани методологияи нави аудит ва иҷрои босифати масъалаҳои вогузошта, ҷоннок гардида истодааст.

Баланд бардоштани сатҳи дониши касбии хизматчиёни давлатӣ, ки яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии кадрҳо ба шумор меравад, таваҷҷӯҳ зоҳир карда мешавад. Ҷиҳати тақвият бахшидани донишу малакаи хизматчиёни давлатӣ Нақшаи машғулиятҳои омӯзишии идоравӣ барои соли 2025 таҳия гардида, тибқи он машғулиятҳо тариқи лексия - суҳбатҳо бо иштироки васеи кормандон ба роҳ монда шудааст.

Бояд қайд намуд, ки аввалин маротиба дар таърихи фаъолияти Палатаи хисоб баъди шомил шудан ба барномаи Ташаббуси ҷахонии масъулиятшиносии

мақоми олии аудит бо мусоидати бевоситаи Ташаббуси рушди ИНТОСАЙ арзёбии самаранокии фаъолияти Палатаи хисоби Ҷумхурии Тоҷикистон аз ҷониби МОА Ҷумҳурии Озарбойҷон мутобиқ ба Низоми баҳодиҳии самаранокии МОА гузаронида шуд.

## 7. Тадбирҳо оид ба шаффофият ва ҳисоботдиҳӣ

Пешниҳоди саривақтӣ, пурмазмун ва босифати иттилооти буҷетӣ ва молиявӣ, инчунин маълумот оид ба нишондиҳандаҳои фаъолияти соҳа (самаранокӣ) ба ҷомеа ва ҷонибҳои манфиатдори беруна, қисматҳои асосии тадбирҳо оид ба дастрасии аҳолӣ ба иттилоотро ташкил дода, бахши мазкур ба панҷ чорабинии асосӣ тақсим мегардад.

Ҳолати татбиқи чорабиниҳо нишон медиҳад, ки 2 чорабинӣ дар самти саривақт ҷойгир намудани маълумоти буҷетӣ ва молиявӣ, инчунин иттилооти марбут ба татбиқ ва мониторинги тадбирҳо оид ба сиёсат ва ислоҳот дар самти идоракунии молияи давлатӣ дар сомонаи расмии Вазорати молия ва гузаронидани вохӯриҳо ва муҳокимаҳо бо намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ дар самти идоракунии молияи давлатӣ ва буҷетикунонӣ ба анҷом расонида шуда, амалишавии пурраи 3 чорабинӣ давоми давраи татбиқи барнома ба нақша гирифта шудааст.

Яке аз дастовардҳои самти мазкур дар таъмини саривақт таҳия ва нашри ҳафт ҳуҷҷати калидии буҷетӣ дар марҳилаҳои асосии раванди буҷетӣ тибқи талаботи таҷрибаи пешқадами таъмини шаффофияти буҷети давлатӣ дида мешавад.

Айни замон дар сомонаи расмии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, даромади буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳадди ниҳоии хароҷот аз рӯҳи соҳаҳои барои соли молиявии оянда ва ду соли пешгӯишаванда, Лоиҳаи қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли навбатии молиявӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли дахлдор», ҳисоботҳои семоҳа оид ба иҷроиши буҷети давлатӣ, Шарҳи нимсола ва солонаи иҷроиши буҷети давлатӣ, Буҷети шаҳрвандӣ ва Ҳисоботи солона бо замимаҳояшон мунтазам нашр мешаванд.

Тибқи маълумоти мониторинги шарикони рушд агар дар соли 2023 (тибқи маълумоти Шохиси шаффофияти буҷети давлатӣ) дар сомонаи расмии вазорат дар умум 5 ҳуҷҷати асосии буҷетӣ бо 9 адад ҳуҷҷатҳои замимашуда нашр шуда бошад айни ҳол 7 ҳуҷҷати буҷетӣ бо 48 адад ҳуҷҷатҳои замимашуда нашр мешаванд. Дар соли 2023 холли миёнаи арзёбии мукаммалии ҳуҷҷатҳои буҷетӣ 27,9 холл аз 100 холли имконпазирро ташкил дода буд, айни ҳол ин

нишондиҳанда 57,3 холлро ташкил медиҳад, ки 29,4 хол зиёдтар аст. Ҳамаи ин аз дастрасии муккамалии маълумоти буҷетӣ шаҳодат медиҳад.

Маҷмуан аз рӯйи 7 параграфҳои болозикри барнома 62 чорабинӣ дар давраи солҳои 2024-2025 пешбинӣ гардидааст, ки аз рӯйи ҳар як чорабиниҳо дар поён муфассал маълумот дода шудааст.

## Иҷрои бандҳои Барномаи миёнамуҳлат аз рӯйи чорабиниҳои дар солҳои 2024-2025 пешбинишуда

### I. Тадбирҳо оид ба устувории макрофискалӣ ва афзоиши даромадҳои давлатӣ

**Банди 1. Таъсиси воҳиди сохтории дахлдор оид ба ислоҳоти идоракунии молияи давлатӣ (қаблан ҳамчун котиботи идоракунии молияи давлатӣ)-и назди Вазорати молия бо мақсади назорати амалисозии ислоҳот ва ҳамоҳангсозии фаъолият дар соҳаи идоракунии молияи давлатӣ бо ҷонибҳои манфиатдор.**

Бо мақсади ба роҳ мондани мониторинги доимӣ ва баррасии раванди татбиқи Стратегияи идоракунии молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, инчунин ҳамоҳангии фаъолияти вазорату идораҳои дахлдор ва шарикони рушд тибқи фармоиши Вазорати молия аз 20 октябри соли 2025, №107 Котиботи идоракунии молияи давлатӣ таъсис дода шуд.

Самти фаъолияти Котиботи мазкур ба мониторинги раванди Нақшаи амали Барномаи миёнамуҳлати солҳои 2024-2026 Стратегияи идоракунии молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ҷамъоварии маълумот оид ба иҷрои бандҳои барномаи мазкур, пешниҳоди ҳисобот ба Раиси Шӯрои ҳамоҳангсоз оид ба масъалаҳои идоракунии молияи давлатӣ равона гардидааст.

**Банди 2. Таҳия (бозбинӣ) ва тасдиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор, ки баҳодиҳии маблағгузории амалисозии стратегияҳо ва барномаҳои давлатиро бо талаботи ҳатмии пайвастани эҳтиёҷоти арзёбишаванда ба маблағгузорӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ, мутобиқи принсипҳои буҷетӣ дар асоси сиёсат пешбинӣ мекунанд.**

Бо мақсади ҳамоҳангсозии ҳадафҳои стратегӣ ба раванди барақшагирии буҷет ба Дастурамали марҳилаи дуюми таҳияи лоиҳаи буҷети давлатӣ барои соли молиявии дахлдор қисмати дахлдор оид ба нақшаи стратегии буҷетӣ ворид карда шуд. Тибқи дастурамали мазкур Тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷетӣ нақшаи стратегии буҷети худро тартиб дода, ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол менамоянд.

Нақшаи стратегии буҷети Тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷетӣ аз бахшҳои зерин иборат аст:

- ҳадафҳои стратегии Тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷетӣ;
- шарҳи вазъи кунунӣ ва мушкилоти асосии Тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷетӣ;

- асосноксозии таҳияи ҳадафҳо барои ноил шудан ба ҳар як Ҳадафи стратегии Тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷетӣ (дар асоси СМР ҶТ барои давраи то соли 2030, Ҳадафҳои рушди устувор, стратегия ва барномаву нақшаҳои тасдиқшудаи давлатӣ);

- нишондиҳандаҳои натиҷаҳои дарозмуддат (ниҳоӣ) барои ҳар як ҳадафи стратегӣ;

- буҷети миёнамуҳлати барномавии Тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷетӣ ва нишондиҳандаҳои ғайримолиявии барномаҳои буҷетии Тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷетӣ.

- сиёсати сармоягузорӣ.

Дар баробари ин, ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатӣ» аз майи соли 2025, №2175 тағийру иловаҳо ворид карда шуда, тибқи ин тағйирот «Тартиби маблағгузории чорабиниҳои ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ» бояд таҳия ва ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ манзур карда шавад.

Яъне тағйироти мазкур заминаи ҳуқуқиро ҷиҳати таҳияи санади меъёрии ҳуқуқии дахлдор, ки баҳодиҳии маблағгузории амалисозии стратегияҳо ва барномаҳои давлатӣ пешбинӣ менамояд, фароҳам меоварад.

Дар ин робита, аз ҷониби Вазорати рушди иқтисод ва савдо лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Тартиби маблағгузории чорабиниҳои ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ» таҳия гардида, дар мувофиқаи дохилиидоравӣ қарор дорад.

**Банди 3. Баланд бардоштани иқтидори кадрии вазорату идораҳои дахлдор ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар самти дурнамосозии макроиқтисодӣ тавассути расонидани кумаки методӣ (ёрии амалӣ).**

Бо мақсади баланд бардоштани иқтидори кадрии вазорату идораҳои дахлдор ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар самти дурнамосозии макроиқтисодӣ аз ҷониби Вазорат дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳо ва шарикони рушд чораҳои зарурӣ роҳандозӣ гардиданд.

Аз ҷумла, бо дастгирии молиявии Хазинаи кудакони Созмони Милали Муттаҳид ва лоиҳаҳои татбиқшавандаи Бонки умумиҷаҳонӣ аз ҷониби Вазорати молия дар шаҳру ноҳияҳои ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ семинар-машваратҳо оид ба дурустии банақшагирии қисми даромад ва хароҷоти буҷети давлатӣ, дуруст муайян намудани афзалиятҳо, гузариш ба буҷетикунонии барномавӣ ва ислоҳоти татбиқшуда дар самти идоракунии молияи давлатӣ гузаронида шудаанд.

Дар баробари ин, дар доираи Созишнома байни Вазорати молияи Федератсияи Россия ва Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба кумаки илмию методӣ ва техникӣ, инчунин Кумаки техникии Иттиҳоди Аврупо оид ба идоракунии молияи давлатӣ ва баланд бардоштани малакаҳои шуғл дар Тоҷикистон аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тренинг ва семинарҳо оид ба дурнамои буҷети давлатӣ, дурнамосозии макроиқтисодӣ ва банақшагирии стратегӣ баргузор гардид.

Дар маҷмӯъ аз ҷониби Вазорати молия дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд дар доираи созишномаҳои баимзорасида дар солҳои 2024 ва 2025 15 чорабинӣ бо иштироки 185 корманди дастгоҳи марказии вазорат ва мақомоти молия дар маҳал гузаронида шуд.

Қайд бояд кард, ки бо мақсади баланд бардоштани иқтидор ва неруи кадрии кормандон дар самти таҳияи босифат ва ҷадиди дурнамо, такмили механизмҳои мавҷуда, мукаммал гардонидани раванди дурнамосозӣ ва моделсозии макроиқтисодӣ, инчунин ҷорӣ намудани моделҳои муосири эконометрикӣ ва такмили ихтисоси кормандон аз ҷониби Вазорати рушди иқтисод ва савдо бо шарикони рушд ва коршиносони байналмилалӣ корбарӣ намуд.

Вазорати молия дар навбати худ ҳамасола ҳангоми таҳияи лоиҳаи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли молиявии дахлдор бо ҷалби кормандон ва коршиносон оид ба дурнамосозии даромад ва хароҷоти буҷет барои кормандони вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мунтазам семинарҳои омӯзиши баргузор менамояд, аз ҷумла:

- 29 феврал ва 1 марти соли 2024 ва 26 – 27 феврали соли 2025 семинар оид ба тартиби таҳияи нишондиҳандаҳои буҷети давлатӣ;
- 24 сентябр ва 29 майи соли 2024 ва 23 октябри соли 2025 семинар оид ба беҳтар намудани шаффофияти буҷет ва ҳуҷҷатҳои асосии буҷетии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- аз 30 июл то 2 август соли 2024 ва аз 8 то 11 июли соли 2025 семинар оид ба тартиби таҳияи нишондиҳандаҳои буҷети давлатӣ;
- 27 сентябри соли 2024 семинар оид ба пурзур кардани иқтидори таҳлилии кормандони Вазорати молия.

**Банди 4. Бо дарназардошти таҷрибаи ҷаҳонӣ ба чаҳорчӯбаи миёнамуҳлати макрофискалӣ дар раванди таҳияи буҷети давлатӣ ворид намудани ҳадди ниҳоии хароҷот барои тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷетӣ (вазорату идораҳои калидии соҳавӣ).**

Бо мақсади ба таҷрибаи ҷаҳонӣ мутобиқ намудани чаҳорчӯбаи миёнамуҳлати макрофискалӣ дар солҳои 2024-2025 ҳангоми таҳияи лоиҳаи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои навбатии молиявӣ ҳадди

ниҳоии хароҷоти буҷети давлатӣ на танҳо аз рӯйи соҳаҳо, балки аз рӯйи тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷетӣ тавассути замимаи иловагӣ ба Самтҳои асосии сиёсати давлатии молиявию буҷетӣ ва андозӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ таҳия гардида дар сомонаи расмии вазорат ҷойгир карда шуд.

Ҳуҷҷати мазкур ҳамчун қисмати замимавии чаҳорчӯбаи миёнамӯҳлати макрофискалӣ ба ҳисоб рафта, фарогирии ҳадди ниҳоии хароҷот барои 35 тақсимкунандаи асосии маблағҳои буҷетӣ мебошад ва он нишондиҳандаҳои буҷетӣ барои солҳои 2025-2026 ва дурнамои он барои солҳои 2026-2028-ро дар бар мегирад.

Ҷиҳати боҳ ҳам пурзӯр намудани раванди мазкур мантазам корбарӣ идома дода шуда истодааст.

**Банди 5. Таҳия ва тасдиқи методологияи баҳодиҳии таъсири тадбирҳо ва ислоҳот (аз ҷумла, механизми ҳисоби самаранокии пешниҳоди имтиёзҳо ба соҳибкорон).**

Бо мақсади танзими имтиёзҳои андозӣ ва суистифодабарии он бо назардошти таҷрибаи муваффақи байналмилалӣ дар асоси тавсияҳои созмонҳои байналмилалӣ дар Кодекси андоз механизми пешниҳоди имтиёзҳои андозӣ бознигарӣ карда шуда, дар доираи моддаи 32 Кодекси мазкур ба танзим дароварда шудааст.

Мутобиқи моддаи 32 Кодекси андоз имтиёзҳои андозӣ хусусияти инфиродӣ дошта наметавонанд ва имтиёзҳои иловагии андозӣ ба соҳаҳои афзалиятноки иқтисодӣ мутобиқи муқаррароти қонунгузории буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли дахлдори молиявӣ ва созишномаҳои сармоягузорӣ, консессионӣ ва қарзӣ (грантӣ) пешбинишаванда пешниҳод карда мешавад.

Муқаррароти моддаи мазкур танзими имтиёзҳои андозиро доир ба имтиёзҳои хусусияти инфиродинадошта, барои мақсадҳои муайян истифода шудани маблағҳои дар ихтиёри андозсупоранда аз ҳисоби имтиёзҳо боқимонда, муҳлатнок пешниҳод шудани имтиёзҳо, инчунин муайян намудани номгӯи соҳаҳои афзалиятнок, ки нисбат ба онҳо имтиёзҳои мавҷуда ва ё иловагӣ татбиқ мегардад, пешбинӣ намудааст.

Дар ин замина, механизми баҳодиҳии самаранокию мақсаднокии имтиёзҳои андозиву гумрукӣ бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2020, №670 «Дар бораи Тартиби пешниҳод ва арзёбии самаранокию мақсаднокии имтиёзҳои андозӣ ва гумрукӣ» қабул гардидааст.

Дар ҳамин замина аз ҷониби Вазорати молия бо созмонҳои байналмиллилии молиявӣ ҳамкорӣ ба роҳ монда шуда, дар доираи он мехнизми тартиби мазкур бозбинӣ мегардад.

Мутобиқи муқаррароти қарори мазкур тартиби пешниҳод ва арзёбии самаранокию мақсаднокии имтиёзҳои андозӣ ва гумрукӣ, объект, мақсад ва талабот барои пешниҳоди имтиёзҳо, инчунин баҳодиҳӣ ва назорати самаранокии имтиёзҳои пешниҳодшуда ва (ё) пешниҳодшаванда аз рӯи андозҳои дахлдор гузаронида мешавад.

Инчунин, мутобиқи банди 17 Тартиби қарори болозикр баҳодиҳии самаранокии имтиёзҳо дар асоси маълумотҳои таҳлилӣ, ки мақомоти андоз, гумрук ва вазорату идораҳои соҳавӣ аз субъектҳои хоҷагидории аз имтиёз бархурдоршуда ва ё бархурдоршаванда дастрас менамоянд, мавриди таҳлил қарор дода шуда, аз натиҷаи он бо назардошти ҳолати иқтисодӣ, иҷтимоӣ, молиявӣ ва самаранок истифода гардидан ё нагардидани имтиёзҳои истифодашуда ҳисоботи дахлдор ҳамасола унвонии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон манзур карда мешавад.

Дар ҳолати ғайримақсаднок истифода гардидан ва самаранок истифода нагардидани имтиёзҳои пешниҳодшуда дар доираи талаботи қарори мазкур имтиёзҳои пешниҳодшуда мавриди бозбинӣ қарор дода шуда, нисбат ба имтиёзҳои бесамар қарорҳои дахлдор қабул карда мешавад.

Ҳамзамон, бо мақсади арзёбии хавфҳои фискалӣ вобаста ба лоиҳаҳои консессиявӣ ва шарикии давлат ба бахши хусусӣ (ШДБХ) ва беҳтар намудани мониторинг ва идоракунии молияи давлатӣ «Тавсияҳои методӣ оид ба мониторинги хавфҳои фискалии консессияҳо ва лоиҳаҳои шарикии давлат ба бахши хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳия гардида бо фармоиши Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2025, №45 тасдиқ гардидааст. Ин санад методологияи арзёбӣ ва мониторинги хатарҳои фискалиро, ки аз ҷониби портфели лоиҳаҳои консессионӣ ва ҳамкории бахши давлативу хусусӣ ба миён меоянд, инчунин дастурҳои ҳисоботӣ оид ба идоракунии фаъолонаи ӯҳдадориҳои фискалиро шарҳ медиҳад.

Тибқи он Вазорати молия бояд пеш аз оғози раванди таҳияи буҷет барои соли молиявии оянда арзёбии ҳарсолаи хавфҳои фискалии марбут ба лоиҳаҳои консессионӣ ва ҳамкориҳои бахшҳои давлатиро гузаронад. Ин имкон медиҳад, ки пешаки таъмин намудани захираҳои молиявии зарурӣ барои иҷрои ӯҳдадориҳои давлатӣ дар доираи чунин лоиҳаҳо баҳодиҳӣ карда шавад. Арзёбии ӯҳдадориҳои фискалӣ ҷамъоварии маълумотро дар бораи параметрҳои гуногун, аз қабили хатарҳои лоиҳа, иҷрои шарики хусусӣ, шароити макроиқтисодӣ ва дигар омилҳое, ки метавонанд ба ҳаҷми ӯҳдадориҳои фискалӣ таъсир расонанд, дар бар мегирад.

**Банди 6. Омӯзиши таҷрибаи муосири байналмилалӣ ҷиҳати такмили низоми дурнамосозии даромади буҷети давлатӣ.**

Омӯзиши таҷрибаи муосири байналмилалӣ ҷиҳати такмили низоми дурнамосозии даромади буҷети давлатӣ тақозои замон буда, ба дуруст муайян намудани дурнамои даромадҳои давлатӣ ва пурра ба андозбандӣ ҷалб намудани сарчашмаҳои даромад мусоидат менамояд.

Бо мақсади таҳияи модели муосири дурнамои даромадҳои давлатӣ Вазорати молия дар ҳамбастагӣ бо Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Бонки миллии Тоҷикистон бо Дафтари Швейтсария оид ба ҳамкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (SECO) ҳамкорӣ намуда, дар асоси кӯмаки техникӣ мутахассисони он ҷиҳати баргузор намудани семинари омӯзишӣ чор маротиба ва Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф оварда, чорабиниҳои фаҳмондадиҳиро ба роҳ монда, модели дурнамои даромадҳои давлатӣ марҳила ба марҳила бо гузаронидани чорабиниҳои омӯзишӣ дар давоми соли 2026 таҳия ва татбиқ мегардад.

**Банди 7. Баргузор намудани машғулиятҳои омӯзишӣ барои кормандони мақомоти молия оид ба кор бо усулу моделҳои нави дурнамои даромади давлатӣ**

Ҷиҳати баланд бардоштани дониш ва малакаи касбии кормандони мақомоти молия, бахусус мақомоти молия дар маҳал дар доираи Барномаи таълимии курсҳои нақшавии Маркази такмили ихтисоси кормандони мақомоти молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2024-2025 бо иштироки кормандони масъули Вазорати молия 12 давраи омӯзишӣ баргузор гардид, ки дар ҷараёни он 254 кормандони Вазорат иштирок намуданд.

Инчунин, дар моҳҳои июл-августи соли 2025 дар доираи Фармоиши Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июли соли 2025, №67 бо мақсади тақвият бахшидани раванди таҳияи лоиҳаи нишондиҳандаҳои қисми даромади буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026-2028 аз ҷониби вазорат барои кормандони мақомоти молияи маҳал дар ВМКБ, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ чорабиниҳои омӯзишӣ ба роҳ монда шуд.

**Банди 8. Тасдиқ ва амалигардонии нақшаи амали солҳои 2024-2026 барои Барномаи миёнамуҳлати даромадҳои буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи солҳои 2024-2029.**

Барномаи миёнамуҳлати даромадҳои буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Нақшаи амали Барнома барои солҳои 2024-2026 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2023, №594 тасдиқ гардида, инчунин Фармоиши Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 январи соли

2024, №15 «Дар бораи Нақшаи чорабиниҳои Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба амалисозии Нақшаи амали солҳои 2024-2026 Барномаи миёнамуҳлати даромадҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2024-2029» қабул гардида, амалисозии он идома дорад.

Дар доираи амалисозии Барномаи мазкур заминаи меъёрии ҳуқуқӣ ва методологии андозбандӣ такмил дода шуда, истилоҳоти асосии андозбандӣ дар Кодекси андоз ва дастурамалҳои соҳавӣ муқаррар гардидааст. Аз ҷумла, мафҳумҳои асосӣ дар моддаҳои 2 ва 14–22 Кодекси андоз инъикос ёфта, санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор таҳия ва қабул шудаанд. Ҳамзамон, тамоми санадҳои меъёрии ҳуқуқии андоз дар сомонаи расмии Кумитаи андоз ҷойгир буда, барои андозсупорандагон ва шаҳрвандон дастрас мебошанд.

Бо мақсади баланд бардоштани сифати дурнамосозӣ, такмили механизмҳои моделсозии макроиқтисодӣ ва ҷорӣ намудани моделҳои муосири эконометрикӣ, ҳамкорӣ бо шарикони рушд ва коршиносони байналмилалӣ тақвият ёфта, ҳангоми таҳияи дурнамо дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, инчунин муқаррароти Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030 ба инобат гирифта мешаванд. Ҳамзамон, ҷалби кумаки машваратӣ ва техникӣ барои тақвияти иқтидори кадрии мақомоти дахлдор дар ин самт идома дорад.

Дар самти такмили маъмурикунонии андоз чораҳо ҷиҳати васеъ намудани истифодаи дастгоҳҳои назоратӣ-хазинавии насли нав ва ҷорӣ намудани низоми рамзгузории электронии молҳо амалӣ гардиданд. Дар фаъолияти 39,4 ҳазор субъекти соҳибкорӣ чунин дастгоҳҳо ба таври ройгон насб гардида, ҳаҷми амалиётҳои бақайдгирифташуда дар соли 2025 ба 35,0 млрд сомонӣ расид. Ҳамзамон, назорати гардиши молҳои истеҳсолшаванда ва воридшаванда, аз ҷумла молҳои зераксизӣ, тақвият ёфта, садҳо субъектҳо ба Системаи иттилоотии рамзгузории электронии молҳо пайваст гардиданд.

Дар баробари ин, таваҷҷуҳ ба тарғиби фарҳанги риояи ихтиёрии қонунгузории андоз, васеъ намудани заминаи андозбандӣ ва таҳлили доимии хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисоди миллӣ равона гардид. Дар соли 2025 пурсишҳо ва зиёда аз 1862 семинар-машваратҳо баргузор шуда, инвентаризатсияи объектҳои molу мулки ғайриманқул анҷом дода шуд, ки дар натиҷа манбаъҳои иловагии андозбандӣ дарёфт гардиданд. Ҳамзамон, гузоришҳои мунтазам оид ба вазъи иқтисоди миллӣ ва равандҳои иқтисоди ҷаҳон таҳия гардида, фаъолияти Ситоди байниидоравӣ ҷиҳати ҳамоҳангсозии сиёсати макроиқтисодӣ тақвият дода шуд.

Айни ҳол, соли дуюми амалисозии Барнома ба анҷом расида, тибқи тартиби муқарраргардида то 1 марти соли ҷорӣ дар ҳамкорӣ бо дигар вазорату идораҳои

дахлдор аз натиҷаи корҳои дар ин самт анҷомдодашуда, унвонии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисобот манзур карда мешавад.

**Банди 9. Ворид намудани таҳлили даромадҳои буҷети давлатӣ ба ҳисоботи шарҳи иҷрои бучети давлатӣ барои нимсола ва солона, ки аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр карда мешавад.**

Ҷиҳати боз ҳам баландтар намудани мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раддабандии шаффофияти буҷетӣ аз ҷониби Вазорати молия шарҳи иҷрои буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нимсолаи аввал соли 2024 ва нимсолаи аввал соли 2025, ки яке аз ҳуҷҷатҳои калидӣ ҳангоми баҳодиҳӣ ба ҳисоб меравад, таҳия гардидааст.

Ҳуҷҷатҳои мазкур дар сомонаи вазорат ҷойгир карда шуда, дар он маълумот дар бораи вазъи макроиқтисодӣ, таҳлили иҷрои қисми даромади буҷети давлатӣ, аз ҷумла маълумот оид ба ҳаҷми маблағҳои воридгардида ба буҷети давлатӣ бо нишон додани манбаҳои онҳо, аз ҷумла даромадҳои андозӣ ва ғайриандозӣ ва самтҳои хароҷоти буҷети давлатӣ ва ғайра дохил карда шудааст.

Инчунин, дар ҳуҷҷати мазкур ҷадвалҳои алоҳида оид ба иҷрои қисми даромад ва хароҷоти буҷети давлатӣ замима карда шудаанд, ки он барои таҳлили вазъи иҷрои буҷети давлатӣ имкон медиҳад.

Дар баробари ин, бо мақсади мукаммал ва ба талаботи байналмилалӣ мутобиқ намудани «Шарҳи иҷрои буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мунтазам чораҳои зарурӣ роҳандозӣ гардида, «Ҳисобот иҷрои буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2024» дар сомонаи вазорати молия нашр гардида, дар шарҳи мазкур маълумотҳо оид ба манбаҳои даромади буҷети давлатӣ, муқоисаи онҳо нисбати солҳои қаблӣ, сабабҳои иҷрои барзиёд/кам воридгардии маблағҳо ба буҷет ва дигар маълумоти таҳлилӣ ворид карда шудааст.

Ҳамзамон, ҳисоботҳои давравӣ оид ба иҷрои буҷети давлатӣ аз рӯйи гурӯҳбандии даромади буҷетӣ мунтазам дар сомонаи Вазорати молия ҷойгир карда шуда истодааст.

**II. Тадбирҳо оид ба банақшагирии хароҷоти давлатӣ**

Фасли дуюми Барнома ба талаботи замони муосир мутобиқ намудани низоми идоракунии қарзи давлатӣ, амалӣ гардондани тадбирҳо ҷиҳати татбиқи барномаи миёнамуҳлати хароҷоти давлатӣ, мукаммалнамоии заминаи меъёриҳуқуқӣ оид ба дарҷи ҳадди ниҳоии хароҷоти соҳаҳо ва тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷетӣ дар дастурамалҳои таҳияи лоиҳаи буҷети давлатӣ, бозбинии гуруҳбандии барномавӣ, таҳияи дастурҳои методӣ

оид ба муайян намудани нишондиҳандаҳои ғайримолиявӣ ва мониторинги барномаҳои буҷетӣ бахшида шудааст.

Дар маҷмӯъ ба самти банақшагирии хароҷоти давлатӣ иҷрои 16 банд пешбинӣ гардидааст, ки татбиқи 13 банди он дар солҳои 2024-2025 оғоз ёфта, аз он 3 чорабинӣ пурра иҷро, 7 чорабинии он дар раванди татбиқ, амалишавии 1 чорабинии дигар оғоз ва татбиқи 2 чорабинӣ то охири амалишавии барнома ба нақша гирифта шудааст.

**Банди 10. Таҳия ва тасдиқи методологияи баҳодиҳӣ ва таҳлили хавфҳои қарзӣ (ва усулҳои ҳисоб кардани ҳаққи кафолат) ҳангоми баррасии қарзҳои нав ва кафолатҳои давлатӣ.**

Бо дарназардошти зарурати таҳкими низоми идоракунии қарзи давлатӣ ва кафолатҳои давлатӣ, инчунин баланд бардоштани сатҳи баҳодиҳии хавфҳои марбут ба қарзгирӣ, Вазорати молия корҳои марбут ба ташаккули заминаи методологии баҳодиҳӣ ва таҳлили хавфҳои қарзӣ, аз ҷумла таҳлили устувории қарзро бо такя ба равандҳо ва стандартҳои байналмилалӣ оғоз намудааст.

Дар ин замина, аз ҷониби Вазорат таҷрибаи байналмилалӣ дар самти баҳодиҳии хавфҳои қарзӣ, усулҳои таҳлили устувории қарз ва механизмҳои ҳисоб кардани ҳаққи кафолати давлатӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

Қабули методология имкон медиҳад, ки ҳангоми баррасии қарзҳои нав ва пешниҳоди кафолатҳои давлатӣ баҳодиҳии хавфҳо дар асоси меъёрҳои ягона анҷом дода шуда, қарорҳои қарзгирӣ бо дарназардошти устувории молиявӣ ва хавфҳои эҳтимолӣ қабул карда шаванд.

Дар ин робита, ҷиҳати ҷалби кумаки техникӣ барои таҳияи ҳуҷҷатҳои методологӣ, аз ҷониби Вазорати молия унвонии Бонки Осиёии Рушд дархост ирсол гардида, машваратҳои техникӣ ва корҳои омодагӣ дар ин самт идома доранд.

**Банди 11. Амалисозии Стратегияи идоракунии қарзи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2024-2026 ва таҷдиди солонаи он дар доираи таҳияи буҷети миёнамуҳлат мутобиқи таҷрибаи байналмилалӣ.**

Мутобиқи талаботи моддаи 20 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қарзи давлатӣ ва қарзи аз ҷониби давлат кафолатдодашуда» қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2023, №587 «Дар бораи Стратегияи миёнамуҳлати идоракунии қарзи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2024-2026» тасдиқ карда шудааст.

Стратегияи мазкур миёнамуҳлат буда, барои дар оянда беҳтар намудани вазъи макроиқтисодию қарзӣ, ҷалби қарзҳои имтиёзнок ва ба самаранокии идоракунии қарзи давлатӣ мусоидат менамояд. Самти муҳими Стратегия ин

ҷалби қарзҳои имтиёзнок ба ҳисоб меравад. Дар Стратегияи мазкур нишондиҳандаи асосии таносуби қарзи номиналии давлатӣ нисбат ба ММД дар сатҳи 60 фоиз ва унсури грантии қарзҳои ҷалбшаванда на кам аз 35 фоиз муайян гардида, дар доираи татбиқи он идоракунии қарзи давлатӣ самаранок ба роҳ монда шуда истодааст.

Ҳамзамон, бояд зикр намуд, ки лоиҳаи таҷдид шудаи он барои солдои 2025-2027 дар доираи таҳияи буҷети миёнамуҳлат аз ҷониби Вазорати молия омода гардида, унвонии вазорату идораҳои дахлдор пешниҳод гардид. Аммо мутаассифона аз ҷониби вазорату идораҳои дахлдор бо дарназардошти зиддиятҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатӣ» ва фаъол будани Стратегияи миёнамуҳлати идоракунии қарзи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2024-2026, пазируфта нашуд.

Маҷмӯан, идоракунии қарзи давлатӣ дар доираи ҳуҷҷатҳои стратегӣ ба роҳ монда шуда, ба ҳолати 1 январи соли 2026 ҳаҷми қарзи давлатӣ ба 3,5 млрд доллари амрикоӣ ё ба 19,2 фоизи маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ баробар гардид.

Аз маблаҷи бололизкр 3,0 млрд доллари амрикоӣ ё 87,0 фоиз қарзи беруна ва 500,0 млн доллари амрикоӣ ё 13,0 фоиз қарзи дохилиро ташкил медиҳад.

Яъне, ҷалби маблағҳои қарзию грантӣ дар доираи талаботи Стратегияи идоракунии қарзи давлатӣ ва таъмини устувории пардохтпазирии ҷумҳурӣ, инчунин таъмини нишондиҳандаҳои макроиқтисодии кишвар амалӣ карда шуда истодааст.

**Банди 12. Бозбинӣ ва дар таҳрири нав таҳия намудани заминаи меъёрию ҳуқуқӣ дар соҳаи идоракунии коғазҳои қиматноки давлатӣ мувофиқи тавсияҳои охирини Баҳодиҳии идоракунӣ ва самаранокии қарз.**

Бо мақсади рушди низоми идоракунии коғазҳои қиматноки давлатӣ давоми татбиқи барнома корҳои муайян ба анҷом расонида шуд.

Махсусан, ҷиҳати бозбинӣ ва дар таҳрири нав таҳия намудани заминаӣ меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи идоракунии коғазҳои қиматноки давлатӣ қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 майи соли 2024, №296 «Дар бораи Қоидаҳои барориш ва гардиши коғазҳои қиматноки давлатӣ» тасдиқ гардид.

Мутобиқи банди 7-и Қоидаҳои болозикр Вазорати молия метавонад шартҳои генералии эмиссияро барои намудҳои гуногуни қоғазҳои қимматноки давлатӣ, аз ҷумла вомбаргҳои сабзи давлатӣ тасдиқ намуда, барориши вомбаргҳои сабзи давлатиро дар бозори дохилӣ роҳандозӣ намояд.

Ҳамзамон, ҳамкорӣ байни Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки миллии Тоҷикистон дар ташкили чорабиниҳои барориши қоғазҳои қиматноки давлатӣ бо шарту механизмҳои наву муосир ва барориши коғазҳои

қиматноки «сабз» ба роҳ монда шуда, инчунин созишнома оид ба табодули маълумот ба имзо расида шуд.

**Банди 13. Амалисозии пурра ва ҳамгироии низоми идоракунии қарз ва таҳлили молиявӣ бо низоми иттилоотии идоракунии молияи давлатӣ, ки бо санадҳои меъёрии дахлдор ва супоришҳои техникӣ тасдиқ карда мешавад.**

Вазорати молия гузаришро аз низоми куҳнашудаи пайгирии қарз (DTS), ки имкониятҳои маҳдуди функсионалӣ ва дастгирии техникӣ дошт, ба низоми муосир ва муассиртари идоракунии қарз ва таҳлили молиявӣ (DMFAS) анҷом дод. DMFAS ба Вазорати молия имкон медиҳад, ки сабти на танҳо қарзи беруна (масалан, созишномаҳои қарзӣ ва созишномаҳои зерқарзӣ), балки қарзи дохилӣ ва қарзи кафолатнокро низ дар ин низом бароҳ монад. Илова бар ин, функсияи DMFAS барои васеъ кардани раванди банақшагирию пешгӯии ӯҳдадориҳои қарзӣ ва пардохтҳо, ворид кардани миқдори зиёди маълумот, назорати ҳаррӯзаи қурби расмии пули миллӣ дар дохили низом ва ба таври автоматикӣ таҳия намудани ҳисоботҳо ва визуализатсияҳо мувофиқи таҷрибаи ҷаҳонӣ, мусоидат мекунад.

Қобили зикр аст, ки ин барнома бо ибтикори Конфронси СММ оид ба тиҷорат ва рушд таҳия шуда, барои бақайдгирӣ, назорат ва таҳлили қарзҳои берунӣ ва дохилӣ, қарзҳои хусусӣ, грантҳо ва созишномаҳои зерқарзӣ пешбинӣ шудааст.

Дар доираи ҳамкориҳо байни Вазорати молия ва Дафтари Швейтсария оид ба ҳамкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (SECO) кормандони вазорат ба бозомӯзӣ оид ба низоми нави идоракунии қарз ва таҳлили молиявӣ фаро гирифта шуданд.

Айни замон барномаи нави DMFAS дар ҷараёни кори Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода гардида истода, созишномаҳои қарзии дохилӣ ва беруна оғоз аз соли 1992 то ин ҷониб, ҳамзамон, созишномаҳои зеркарзӣ ва созишномаҳои грантӣ дар низоми мазкур пурра ба қайд гирифта шудаанд.

Бояд тазаккур дод, ки механизми ҳамгироии низоми болозикр бо низоми иттилоотии идоракунии молияи давлатӣ (TFMIS -II) аз ҷониби мутахассисони вазорат пурра омухта шуда, барои ҳамгироӣ омода буда ҳамгироии низомҳо дар доираи лоиҳаи Модернизатсияи «НИИМД TFMIS 2.0.» пешбинӣ шудааст.

**Банди 15. Бозбинии заминаи меъёрии ҳуқуқӣ бо мақсади дар бар гирифтани муқаррарот дар бораи он, ки чи гуна ташкилотҳои ғайримолиявии бахши давлатӣ бояд дар бораи фаъолияти қарзии худ (аз ҷумла кафолатнок) гузориш диҳанд.**

Ҷиҳати таҳия ва амалигардонии методологияи баҳодиҳӣ ва таҳлили хавфҳои қарзӣ ҳангоми баррасии қарзҳои нав ва кафолатҳои давлатӣ, ҳамчунин

таҳия ва тасдиқи методологияи таҳлили устувории қарз мутобиқи таҷрибаи байналмилалӣ, дар ҳамкорӣ бо Бонки Умумиҷаҳонӣ ва Бонки Осиёии Рушд, дар доираи татбиқи Тадбирҳои самаранокии сиёсати (PPI) ва Ислоҳоти сиёсати молиявии рушди устувор (SDFP) корҳо идома доранд.

Дар ҳамин замина, «Руководство по предоставлению государственных гарантий и субкредитов» ҳамчун ҳуҷҷати амалӣ ва роҳнамои техникии татбиқи ин методологияҳо ва принсипҳои баҳодиҳӣ, идоракунии хавф ва мониторинг метавонад пазируфта шавад ва ба иҷрои ин бандҳо ҳисобида мешавад.

**Банди 16. Ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бо мақсади ҷорӣ намудани ҳадди ниҳоии хароҷоти пешакии соҳа ба дастурамалҳо оид ба марҳилаи якуми раванди таҳияи буҷети давлатӣ ва ҳадди ниҳоии хароҷоти тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷетӣ дар дастурамал оид ба марҳилаи дуюми раванди таҳияи буҷет мутобиқи таҷрибаи ҷаҳонӣ.**

Бо мақсади ба таҷрибаи ҷаҳонӣ мутобиқ намудани Дастурамал оид ба марҳилаи якуми раванди таҳияи буҷети давлатӣ бо фармоишҳои дахлдори Вазорати молия Дастурамалҳо оид ба таҳияи нишондиҳандаҳои Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2025-2027 ва барои солҳои 2026-2028 (марҳилаи 1) тасдиқ карда шуд.

Дар Дастурамали мазкур нишондиҳандаҳои индикативии хароҷоти соҳаҳо ва ё ҳадди ниҳоии хароҷоти пешакии соҳаҳо муайян карда шудаанд ва ҳангоми аз ҷониби тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷетӣ пешниҳод гардидани ҳадди ниҳоии хароҷоти соҳаҳо меъёрҳои муайяншуда бояд риоя карда шаванд. Дар баробари ин, бинобар сабаби нишондиҳандаи пешакӣ будани ҳадди ниҳоии хароҷоти соҳаҳо, дар ҳолатҳои зарурӣ бо пешниҳоди сабабҳои асоснок дар фосилаи 10-12 фоиз зиёд карда шуда, тағйироти зиёда аз он дар ҷаласаи гурӯҳи кории байниидоравии назди Вазорати молия муҳокима карда мешавад.

Дар баробари ин, аз ҷониби Вазорати молия дар раванди таҳияи лоиҳаи буҷети давлатӣ барои солҳои 2025-2026 ҳадди ниҳоии хароҷоти буҷети ҷумҳуриявӣ аз рӯйи тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷетӣ таҳия гардида, дар сомонаи расмии вазорат ҷойгир карда шуд.

Тибқи банди 5 Дастурамалҳо оид ба таҳияи нишондиҳандаҳои буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (марҳилаи 2), дархостҳои буҷетӣ аз ҷониби тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷетӣ дар доираи ҳадди ниҳоии хароҷот таҳия карда мешаванд.

Дастурамалҳо, ки раванди таҳияи нишондиҳандаҳои лоиҳаи буҷети давлатиро дар марҳилаи 1 ва 2 танзим менамоянд, мунтазам мавриди бозбинӣ

қарор дода шуда, ҳангоми зарурият ба он тағйироти дахлдор ворид карда мешавад.

**Банди 17. Ба самтҳои асосии сиёсати андозию буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон (яъне дар стратегияи фискалӣ) ворид намудани шарҳи тафовути назаррас байни нақшаи тасдиқшуда ва аниқшудаи нишондиҳандаҳои буҷетӣ барои марҳилаи II мутобиқи таҷрибаи байналмилалӣ.**

Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди таҳияи буҷети давлатӣ самтҳои асосии сиёсати давлатии молиявию буҷетӣ ва андозиро барои давраи миёнамуҳлат таҳия намуда, онро барои баррасӣ ба Комиссияи доимоамалкунандаи буҷетии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд.

Самтҳои асосии сиёсати давлатии молиявию буҷетӣ ва андозӣ маълумот оид ба нишондиҳандаҳои буҷети давлатӣ аз рӯи даромад, хароҷот, каср ё барзиёдӣ, ҳаҷми қарзи давлатӣ, буҷети заминавӣ, сармоягузории давлатӣ, ҳаҷми умумии хароҷот барои татбиқи самтҳои нави сиёсати давлатӣ, пешниҳод оид ба самтҳои афзалиятноки хароҷот барои татбиқи самтҳои нави сиёсати давлатӣ, ки бо назардошти пешниҳодоти дахлдори тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷетӣ омода шудаанд, ҳадди ниҳоии хароҷот аз рӯйи нишондиҳандаҳои васеи гурӯҳбандии буҷетиро дар бар мегирад.

Дар баробари ин, ҳангоми омода намудани самтҳои асосии сиёсати давлатии молиявию буҷетӣ ва андозӣ ба он Тавзеҳот низ таҳия карда мешавад, ки нишондиҳандаҳои муқоисавиро нисбат дурнамои солҳои қаблӣ ва лоиҳаи нав дар бар гирифта, хавфҳои эҳтимолии таъсиррасон ба иҷрои нишондиҳандаҳои асосии даромад ва хароҷоти буҷети давлатӣ аз қабили таҳримҳои иқтисодӣ нисбат ба шариконии асосии тиҷоратии ҷумҳурӣ, истифодаи самараноки имтиёзҳои андозию гумрукиро фаро мегирад.

Илова бар ин, дар Тавзеҳот афзоиш ё коҳиш ёфтани нишондиҳандоҳои даромад ва хароҷоти буҷети давлатӣ аз рӯйи манбаҳо ва гурӯҳбандиҳои буҷетӣ шарҳ дода мешавад.

**Банди 19. Додани ваколат ба тақсимкунандагони калидии асосии маблағҳои буҷети соҳавӣ аз рӯйи вазифаи муттаҳидсозии буҷетҳои бахшҳои худ ва таҳияи ҳисоботи мунтазам дар бораи иҷрои буҷетҳои бахшҳои дахлдор**

Аз ҷониби ТАМБ (Тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷетӣ) шакли дастрасӣ ба низоми иттилоотии идоракунии молияи давлатӣ барои дидан пешниҳод мегардад, ки дар асоси ин ҳуҷҷат дастрасӣ барои дидан, тасдиқ кардан

ё ин ки мониторинги иҷроиши буҷети гирандагони маблағҳои буҷетӣ яъне муассисаҳои зертобеъи худ амалӣ карда мешавад. Дар асоси маълумоти аз низоми болозикр дастрасгардида ТАМБ метавонанд ҳисоботи муассисаҳои зертобеъи худро таҳия намоянд.

Дар баробари ин, мувофиқи муқаррароти қисми 3 моддаи 32 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Дастурамалҳои таҳияи буҷет ТАМБ-ҳои пешбаранда, ки барои таҳия ва татбиқи сиёсати давлатӣ дар бахши муайяни соҳаи буҷет масъул мебошад стратегияи миёнамуҳлати хароҷоти буҷети барномаҳои дахлдори сиёсати буҷети/соҳаро таҳия ва ба Вазорати молия пешниҳод менамоянд;

Бо дарназардошти мавҷудияти заминаҳои зарурӣ дар низоми иттилоотии идоракунии молияи давлатӣ додани ваколат ба тақсимкунандагони калидии асосии маблағҳои буҷетии соҳавӣ имкониятҳо ҷиҳати муттаҳидсозии буҷетҳои бахшҳои худ фароҳам оварда шуда, ҷиҳати таҳияи ҳисоботи мунтазам дар бораи иҷрои буҷетҳои бахшҳои дахлдор дар НИИМД барои дидани ин ҳисоботҳо дастрасии лозима дода шудааст.

**Банди 20. Марҳила ба марҳила таҳия ва тасдиқ намудани гурӯҳбандии барномавии буҷетӣ барои ҳамаи тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷетӣ ва соҳавӣ дар сатҳи буҷети ҷумҳуриявӣ.**

Дар доираи ислоҳоти гузариш ба буҷетикунонии барномавӣ, аз ҷониби Вазорати молия гурӯҳбандии барномавии буҷетӣ барои тамоми соҳаҳои сатҳи буҷети ҷумҳуриявӣ тасдиқ карда шудааст.

Дар баробари ин, бо мақсади татбиқи босифати гурӯҳбандии барномавӣ, аз ҷониби Вазорати молия дастурамал оид ба истифодабарии гурӯҳбандии барномавии буҷетӣ қабул гардидааст.

Дар заминаи кумаки техникии Иттиҳоди Аврупо, раванди такмили минбаъдаи буҷетикунонии барномавӣ идома дошта, бо мақсади фарогирии пурраи ҳамаи тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷетӣ, лоиҳаи гурӯҳбандии нави барномавӣ барои тақсимкунандагони сатҳи буҷети ҷумҳуриявӣ таҳия гардида, дар баррасии дохилиидоравӣ қарор дорад.

Илова бар ин, аз ҷониби Вазорат дар доираи дастурамалҳо оид ба таҳияи буҷети давлатӣ шаклҳои пешниҳод маълумот мунтазам бозбинӣ ва мукаммал карда шуда истодаанд.

**Банди 22. Таҳия ва тасдиқи методология ва дастурҳо оид ба: муайян кардани нишондиҳандаҳои ғайримолиявии буҷетикунонии барномавӣ барои ТАМБ/соҳаҳои таҷрибавӣ; мониторинги барномаҳои буҷетӣ ва шаклҳои ҳисобот.**

Вазорати молия бо мақсади ҷоннок намудани раванди банақшагирии буҷети давлатӣ аз рӯйи гурӯҳбандии барномавӣ ва дар ин замина таъмини истифода самарабахш ва мақсадноки маблағҳои буҷетӣ барои 6 вазорату идораҳо, аз ҷумла вазоратҳои маориф ва илм, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, фарҳанг ва варзиш, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, кишоварзӣ аз рӯйи 15 барнома нишондиҳандаҳои ғайримолиявиро муайян намуда, нишондиҳандаҳои мазкур тибқи замимаи дахлдори ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси тадбирҳои иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли дахлдори молиявӣ» тасдиқ гардидаанд.

Дар баробари ин, аз ҷониби Вазорат дар ҳамкорӣ бо Иттиҳоди Аврупо, ташкилотҳои низоми Созмони Милали Муттаҳид ва дигар шарикони рушд ҷиҳати мукаммалгардонии гурӯҳбандии барномавӣ аз рӯйи тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷетӣ ва муайян намудани нишондиҳандаҳои ғайримолиявӣ барои барномаҳо корҳо мунтазам ба роҳ монда шудааст. Аз ҷумла, дар доираи татбиқи лоиҳаи кумаки техникии Иттиҳоди Аврупо айниҳол лоиҳаи «Дастурамал оид ба татбиқи буҷетикунонии барномавӣ» таҳия гардида истодааст, ки он фарогири қисмати алоҳида оид ба муайян намудани нишондиҳандаҳои ғайримолиявӣ мебошад.

Дар баробари ин ҷиҳати танзими раванди банақшагирии буҷети давлатӣ дар солҳои 2024, 2025 ва 2026 ба «Дастурамал оид ба таҳияи лоиҳаи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли дахлдори молиявӣ» (марҳилаи 2), тавассути таҳия ва ба он илова намудани шаклҳои нави пешниҳоди дархостҳои буҷетӣ аз рӯйи гурӯҳбандии барномавӣ тағйироти зарурӣ ворид карда шуд.

Шаклҳои нави иловашуда фарогири нишондиҳандаҳои молиявӣ ва ғайримолиявии ҳар як барномаи буҷетӣ ва зербарномаи он буда, тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷетӣ вазифадранд, ки дархостҳои худро мутобиқи шаклҳои замимагардида пешниҳод намуда, нишондиҳандаҳои ғайримолиявиро аз рӯйи зербарномаҳо пешкаш намоянд.

Илова бар ин, ба Дастурамали мазкур тартиби таҳияи дархостҳои барномавӣ ҳамчун роҳнамо барои тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷетӣ ҳангоми муайян намудани нишондиҳандаҳои ғайримолиявии буҷетикунонии барномавӣ ворид карда шудааст.

Дар баробари корҳои анҷом додашуда, зарурияти таҳия намудани механизми мониторинги барномаҳои буҷетӣ ва шаклҳои ҳисоботҳо ҷой дорад, ки тибқи Нақшаи амал анҷоми онҳо дар солҳои минбаъда дар назар дошта шудааст.

**Банди 23. Ҳамгироии гурӯҳбандии барномавӣ ва барномаҳои буҷетӣ (нишондиҳандаҳои молиявӣ ва ғайримолиявӣ) дар низоми иттилоотии идоракунии молияи давлатӣ.**

Айни замон, Гурӯҳбандии барномавии буҷетӣ, ки бо фармоиши дахлдори Вазорати молия тасдиқ карда шудааст, пурра дар Низоми иттилоотии идоракунии молияи давлатӣ ворид карда шуда, аз рӯйи он дастрас намудани маълумот дар сохтори Тақсимкунандагони маблағҳои буҷетӣ аз рӯйи нишонидиҳандаҳои молиявӣ имконпазир мебошад. Ин заминаи методологӣ ва техникиро барои таҳияи ҳисоботҳои молиявӣ ва таҳлилӣ ҳам аз рӯйи гурӯҳбандии функсионалӣ ва ҳам барномавӣ фароҳам меорад.

Ҳамзамон, бо мақсади ҳамгироии гурӯҳбандии барномавӣ ва барномаҳои буҷетӣ (нишондиҳандаҳои молиявӣ ва ғайримолиявӣ) дар низоми иттилоотии идоракунии молияи давлатӣ Вазорати молия дар доираи татбиқи Кумаки техникии Иттиҳоди аврупо оид ба ислоҳотҳои идоракунии молияи давлатӣ ва малакаҳои касбӣ дар Тоҷикистон ҷиҳати ҳамгироии гурӯҳбандии барномавӣ ва барномаҳои буҷетӣ (нишондиҳандаҳои молиявӣ ва ғайримолиявӣ) дар низоми иттилоотии идоракунии молияи давлатӣ модули нав омода карда шуда, айни ҳол ҷиҳати истифодаи модули мазкур дар амалия корбарии иловагӣ идома дорад.

Модули мазкур ҳамчун унсури калидии давраи пурраи банақшагирии барномавӣ-мақсаднок пешбинӣ шуда, ба идоракунӣ, банақшагирӣ ва мониторинги нишондиҳандаҳои ғайримолиявӣ (нишондиҳандаҳои асосии фаъолият), инчунин ҳамоҳангсозии онҳо бо ҳадафҳои стратегӣ равона гардидааст.

Имкониятҳои техникии амаликунии МИФ аз самтҳои зерин иборатанд:

- ташкили феҳристи барномаҳо ва зербарномаҳо бо пайваст намудани нишондиҳандаҳои дахлдор;
- банақшагирӣ дар доираи БМХД - муайян намудани арзишҳои мақсадноки нишондиҳандаҳо барои давраи миёнамуҳлат;
- мониторинг ва арзёбии самаранокӣ - ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумоти воқеӣ оид ба иҷрои барномаҳо бо мақсади қабуди қарорҳои дахлдор.

**Банди 24. Таҳия ва тасдиқи нақшаи амал оид ба марҳила ба марҳила озод намудани буҷети ҷумҳуриявӣ аз ҷудо намудани маблағҳои мусоидати молиявӣ, дотатсия ва субсидия ба буҷетҳои маҳаллӣ.**

Бо мақсади таҳкими устувории молиявии буҷети ҷумҳуриявӣ ва баланд бардоштани худкифоиятии буҷетҳои маҳаллӣ, инчунин гузаронидани корҳои таҳлилӣ дар буҷетҳои маҳаллӣ бо дарназардошти ҷалби ҳама манбаҳои иловагии захираҳои молиявӣ ба буҷет, аз ҷониби Вазорати молия лоиҳаи Нақшаи амал оид ба ислоҳоти марҳилавии низоми мусоидати молиявӣ (субвенсия) аз буҷети

ҷумҳуриявӣ ба буҷетҳои маҳаллӣ барои давраи то соли 2030 таҳия гардидааст, ки айни замон дар баррасии дохилиидоравӣ қарор дорад.

Ҳуҷҷати мазкур маҷмӯи тадбирҳои таҳлилӣ, методологӣ, ҳуқуқӣ ва амалӣ-ро дар самти бозбинӣ ва такмили механизмҳои трансфертҳои байнибуҷетӣ, ҷорӣ намудани усулҳои ҳавасмандгардонӣ ва тақвияти заминаи воридоти даромад ба буҷетҳои маҳалҳоро дар бар мегирад.

**Банди 25. Такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ оид ба пешниҳод ва нашри ҳисобот марбут ба истифодаи мусоидати молиявӣ аз ҷониби мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, аз рӯйи соҳаҳо ва минтақаҳо**

Бояд қайд намуд, ки айни замон Вазорати молия дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳои дахлдор лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро дар таҳрири нав таҳия намуда истодааст, ки дар он амалишавии банди чорабинии Барномаи мазкур низ ба инобат гирифта мешавад.

## III. Тадбирҳо оид ба иҷрои буҷет ва даромадҳои давлатӣ

Чорабиниҳои ба банди мазкур алоқаманд ба истифодаи пурраи модули хавф ва ба хавф нигаронидашуда (яъне методология) ҳангоми гузаронидани санҷишҳои андоз, инчунин ҷорӣ намудани раванди дар шакли электронӣ баргардонидани маблағи андоз аз арзиши иловашуда, такмил додани меъёрҳои арзёбии дараҷаи ба хавф нигаронидашуда ва таъмини шаффофият ва ҷамъоварии маблағҳои иловагии андоз ба буҷети давлатӣ нигаронида шуда, аз ҷониби мақомотҳои марбутаи кишвар ҷиҳати татбиқи онҳо корҳои муайян ба анҷом расонида шудааст.

Дар давраи ҳисоботӣ ҷиҳати афзоиш додани қисми даромади буҷети давлатӣ ва таъмини сифатноки хароҷоти он иҷрои 12 чорабинӣ пешбинӣ гардидааст.

Аз чорабиниҳои пешбинишуда 5 чорабинӣ иҷро, 6 чорабинӣ дар раванди татбиқ ва татбиқи 1 чорабинӣ гардидааст.

**Банди 26. Бо дарназардошти омӯзиши таҷрибаи ҷаҳонӣ мунтазам такмил додани меъёрҳои арзёбии дараҷаи ба хавф нигаронидашудаи иҷрои буҷети давлатӣ.**

Тибқи тавсияҳои созмонҳои байналмилалии молиявӣ ва ҷиҳати беҳтар намудани кори мақомоти назорати санҷишӣ, риояи адолати иҷтимоӣ ва содагардонии низоми андозбандӣ механизми назорати санҷишҳо андозӣ такмил ёфта, дар доираи Кодекси андоз муқаррароти дахлдор пешбинӣ гардидааст.

Аз ҷумла, бо мақсади аз байн бурдани омилҳои фардӣ ва кам намудани дахолат ба фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ шумораи назорати андозӣ аз 9 ба 8

адад кам карда шуда, тартиби гузаронидани назорати камералӣ дар шакли худкор (автоматӣ) бо истифода аз барномаҳои электронӣ ва гузаронидани санҷишҳо танҳо дар асоси хавф пешбинӣ гардидааст.

Дар баробари ин, нисбат ба андозсупорандагони бомасъулият санҷишҳои андозӣ маҳдуд карда шуда, вобаста ба пешгирии ҳуқуқвайронкунии андозӣ дар фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ, дар қонунгузории андоз мониторинги андоз пешбинӣ гардидааст, ки он дар асоси созишнома байни мақомоти андоз ва андозсупорандагон роҳандозӣ гардида, ҳангоми дар давраи мониторинги андоз ошкор гардидани қонунвайронкунӣ пешниҳод оид ба ислоҳи камбудиҳо бе татбиқи чораҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ андешида мешавад.

Мутобиқи талаботи моддаҳои 82 - 83 Кодекси андоз дар асоси Фармоиши Кумитаи андоз (аз 24 сентябри соли 2025, №579) меъёрҳои арзёбии дараҷаи хавфҳо тасдид карда шуда, барои татбиқи амалии он дар мақомоти андоз модули барномавии «Идоракунии таҳлили хавфҳо» ҷорӣ карда шудааст.

Дар доираи Барномаи рушди маъмурикунонии андоз барои солдои 2020 - 2025, омузиши таҷрибаи давлатҳои пешрафта ва тавсияҳои коршиносони байналмилалӣ, тибқи Фармоиши Кумитаи андоз (аз 28 сентябри соли 2023, №544) шакли таҷдидшудаи модули компютерии «Идоракунии таҳлили хавфҳо» таҳия ва мавриди амал дарор дода шуд. Дар баробари ин, барои андозсупорандагони калон ва миёна 69 адад критерияҳо ва барои андозсупорандагони хурд 50 критерияҳо тасдиқ гардида, сандишҳои андоз дар асоси низоми идоракунии хавфҳо амалӣ карда мешаванд.

Тавре, ки дар боло қайд гардид, аз ҷониби мақомотҳои марбута ҷихати такмил додани меъёрҳои арзёбии ба хавф нигаронидашудаи иҷрои буҷети давлатӣ аз таҷрибаи ҷаҳонӣ пайваста истифода бурда мешавад. Яке аз таҷрибаҳои дигаре, ки боиси барзиёд иҷро гардидани нақшаи пардохтҳои гумрукӣ гардида истодааст, ин рақамикунонии самти фаъолияти мақомоти гумрук ва дар ин раванд такмил додани низоми маъмурикунонии гумрукӣ ба ҳисоб мераванд.

Дар доираи татбиқи Барномаи миёнамуҳлати рушди мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2025 - 2029 корҳои муайяне дар ҳама самтҳои фаъолият, аз ҷумла такмил додани қонунгузорӣ, маъмурикунонии гумрукӣ, муҷаҳазгардонӣ ва рақамикунонии равандҳо дар дидбонгоҳҳои гумрукӣ, фароҳам оварадани шароити мусоид барои иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии хориҷӣ бо роҳи рақамикунонии хизматрасониҳо, автоматикунонии самтҳои фаъолияти гумрукӣ ва идоракунии кадрӣ ва баланд бардоштани иқтидори касбӣ ба нақша гирифта шудааст.

Ҷори гардидани Низоми «Равзанаи ягонаи барасмиятдарории амалиёти содиротӣ, воридотӣ ва транзитӣ», ки ба гузариш аз шакли қоғазӣ ба электронии

мубодилаи хуҷҷатҳои расмии 11 мақомоти ба низом шомилшуда, ҷидати содда ва шаффоф намудани расмиёти савдои хориҷӣ ва хизматрасонии давлатӣ мусоидат намуд.

Зерсистемаи идораи таваккал бо истифода аз модули иловагии «Дата Майнинг», ки яке аз қисматҳои зеҳни сунъӣ ба ҳисоб меравад, мавриди истифода қарор дода шуд. Зерсистемаи мазкур молҳоеро, ки ҳамчун молҳои таваккал ҳаммонанд карда мешаванд, муайян намуда, ҷиҳати татбиқи санҷиши иловагӣ нисбат ба ин намуди молҳо ба таври электронӣ хабар медиҳад.

Дар баробари ин аз 1 октябри соли 2025 ба таври таҷрибавӣ системаи иттилоотии коркарди маълумоти гумрукии АСИКУДА-и ҷаҳонӣ мавриди роҳандозӣ қарор гирифт, ки системаи мазкур ҳамгироии якчанд системаҳои алоҳидаро дар бар гирифта, қисматҳои зиёди система ба таври автоматӣ ва бо истифода аз унсури зеҳни сунъӣ ба амал бароварда мешаванд.

Гузариш ба системаи мазкур имкон медидад, ки дар сатҳи милли системаи пурраи электронии идоракунии гумрукӣ ҷорӣ гардида, тадрибаи муосир ва пешқадами байналмилалӣ бо мақсади баланд бардоштани шаффофият, беҳтар намудани назорати идорӣ ва афзоиши пардохтдои гумрукӣ амалӣ карда шавад.

**Банди 27. Ҷоринамоӣ пурраи ва истифодаи модули хавф ва равиши ба хавф нигаронидашуда (яъне методология) ҳангоми гузаронидани санҷишҳои андоз дар Низоми ҳамгироишудаи маъмурикунонии андози Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин ҷорӣ намудани раванди дар шакли электронӣ баргардонидани маблағи андоз аз арзиши иловашуда.**

Мутобиқи талаботи моддаҳои 82 - 83 Кодекси андоз дар асоси Фармоиши Кумитаи андоз (аз 24 сентябри соли 2025, №579) меъёрҳои арзёбии дараҷаи хавфҳо тасдид карда шуда, барои татбиқи амалии он дар мақомоти андоз модули барномавии «Идоракунии таҳлили хавфҳо» ҷорӣ карда шудааст.

Боиси тазаккур аст, ки ҷиҳати тақвият бахшидан ба ҷорӣ намудани дар шакли электронӣ баргардонидани маблағи андоз аз арзиши иловашуда бо фармоиши Кумитаи андоз аз 1 августа соли 2023 бақайдгирии андозсупорандагон ба сифати супорандаи андоз аз арзиши иловашуда ва аз Феҳристи супорандагони ҳамин намуди андоз хориҷ намудани онҳо ба таври автоматӣ амалӣ карда шуда истодааст.

Дар мавриди ҷорӣ намудани шакли электронии баргардонидани маблағи андоз аз арзиши иловашуда қайд менамоем, ки мувофиқи талаботи моддаҳои 275 ва 276 Кодекси андоз ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 марти соли 2023, №74 «Дар бораи Тартиби баргардонидани андоз аз арзиши иловашуда аз буҷети ҷумҳуриявӣ ба намояндагиҳои дипломатӣ, консулгарӣ ва

намояндагиҳои ба онҳо баробаркардашуда, инчунин ҳайати кормандони онҳо, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аккредитатсия шудаанд» ва аз 26 апрели соли 2022, №178 «Дар бораи Тартиби баргардондани маблағи барзиёд баҳисобгирифташудаи андоз аз арзиши иловашудаи нисбат ба маблағи ҳисобшудаи андоз дар давраи андозӣ» аз буҷети ҷумҳуриявӣ тибқи хулосаи мақомоти андоз амалӣ мегардад.

Ҳамзамон иттилоъ медиҳем, ки дар доираи Барномаи рушди маъмурикунонии андоз барои солҳои 2020-2025 бо ҷалби маблағҳои грантӣ ҷиҳати сода намудани механизми баргардонидани маблағи андоз аз арзиши иловашудаи пардохтгардида аз буҷет тариқи электронӣ ба нақша гирифта шудааст, ки корбарӣ дар ин самт идома дорад.

**Банди 28. Ҷиҳати таъмини шаффофият ва ҷамъоварии маблағҳои иловагии андоз ба буҷети давлатӣ, тибқи тартиби муқарраршуда баррасии шомилшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба лоиҳаи мубориза бо саркашӣ аз пардохти андозҳо ва интиқоли фоида ба Форуми глобалӣ оид ба шаффофият ва табодули иттилоот барои мақсадҳои андоз.**

Бо мақсади иҷрои супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10.02.2022, №5 06(29-6.2), аз 06.04.2022, №23/10-94(3), аз 28.07.2022, №23/10-243 (3) ва аз 04.10.2022, №25573 (29-6.2) ва тавсияҳои шарикони рушд дар назди Вазорати молия Гурӯҳи кории байниидоравӣ доир ба баррасии масъалаи шомил шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба узви шарикони ташаббуси «Мубориза бар зидди канораҷӯӣ аз пардохти андоз аз фоида ва интиқоли фоида» (ба истилоҳ «BEP8») таъсис дода шуда, дар доираи он масъалаи шомилшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ташаббуси мазкур бо дарназардошти арзёбии паҳлуҳои мусбӣ ва манфӣ дар ҳамбастагӣ бо вазорату идораҳои дахлдор ба мақсад мувофиқ шуморида шуд.

Нобобаста аз ин, Вазорат иловатан ба унвони Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост аз 7 феврали соли 2025, №3-1-1/56 ҷиҳати ирсол намудани дархости расмӣ ба Созмони Ҳамкории Иқтисодӣ ва Рушд барои шомил гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ташаббуси «Мубориза бар зидди канораҷӯӣ аз пардохти андоз аз фоида ва интиқоли фоида» ирсол намудааст.

**Банди 29. Ҷорӣ намудани талаботи меъёрию ҳуқуқӣ, аз ҷумла дастурамали намунавӣ оид ба қарзҳои дебиторӣ ва кредиторӣ барои ташкилотҳои буҷетӣ ва сарраёсати хазинадории марказии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба навсозии нақшаҳои гардиши пули нақд на танҳо ҳар сол, балки ҳар семоҳа тибқи таҷрибаи ҷаҳонӣ.**

Дар доираи Лоиҳаи «Мукаммалгардонии идоракунии молияи давлатӣ-2» бо мақсади ҷорӣ намудани талаботи меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла дастурамали намунавӣ оид ба қарзҳои дебиторӣ ва кредиторӣ барои ташкилотҳои буҷетӣ ва сарраёсати хазинадории марказии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба навсозии нақшаҳои гардиши пули нақд, аз ҷониби ширкати байналмилалии «ФИНА» модулҳои «идоракунии маблағҳои пулӣ», «идоракунӣ ва назорати уҳдадориҳо» ва «идоракунии дороиҳо» таҳия карда шуданд.

Дар ин раванд, бо мақсади дар амал истифодабарии барномаи «iMOF» аз моҳи марти соли 2024 тибқи фармоиши Вазорати молия, ки дар доираи он ҷорӣ намудани се модули болозикр, ки барои тамоми ташкилотҳои сатҳи буҷети ҷумҳуриявӣ пешбинӣ гардидааст, оғоз гардид.

Бояд қайд намуд, ки бо мақсади ҷоннок намудани раванди ҷорӣ ва истифодаи модулҳои болозикр ҳамаи муҳосибони ташкилотҳои буҷетӣ дар сатҳи ҷумҳуриявӣ омӯзонида шуданд ва дар оянда низ ин раванд дар сатҳи маҳаллӣ низ идома хоҳад ёфт.

Тибқи нақша давра ба давра ҳамаи 1153 ташкилоти буҷетии сатҳи ҷумҳуриявӣ ба модулҳои «идоракунии маблағҳои пулӣ», «идоракунӣ ва назорати уҳдадориҳо» ва «идоракунии дороиҳо» бояд пурра пайваст карда шаванд.

Айни ҳол, аз шумораи умумии 550 ташкилоти буҷетии сатҳи ҷумҳуриявӣ ба низоми болозикр пайваст гардида, пайвастшавии дигар ташкилотҳои буҷетӣ марҳила ба марҳида амалӣ гардида истодааст.

Ҳамзамон, бо мақсади ба роҳ мондани омӯзиши мунтазам оид ба истифодаи низоми болозикр видеороликҳои махсус таҳия карда шуда, барои истофодаи кушод дастрас мебошанд.

Мақсади асосии коркард ва таҳияи модулҳои иловагӣ пеш аз ҳама содда намудани амалиётҳои молиявӣ дар самти назорат ва идоракунии дурусти маблағҳои пулӣ, гузаронидани корҳои таҳлилӣ, таҳияи дурнамои дақиқ дар асосӣ алгаритмҳои дар модулҳо пешбини шуда, назорати иҷрои уҳдадориҳои буҷетӣ ва таҳияи феҳристи дороиҳои бахши давлатӣ буда, заминаӣ хуб аз руи таҷрибаи ҷаҳонӣ мебошад.

Лозим ба зикр аст, ки бо мақсади вусъат бахшидани раванди иҷрои талаботи меъёрии ҳуқуқӣ барои низоми хазинадорӣ оид ба ҷамъбасти бақияи қарз аз руйи хароҷоти семоҳа, нимсола ва солона корбарӣ идома дорад.

**Банди 31. Пурра ҷорӣ ва фаъол намудани мақоми мустақил оид ба баррасии шикоятҳо дар соҳаи хариди давлатӣ.**

Бо мақсади ҷорӣ намудани мақоми мустақил оид ба баррасии шикоятҳо дар соҳаи хариди давлатӣ аз ҷониби Агентии хариди давлатии мол, кор ва

хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Комиссияи байниидоравӣ оид ба баррасии шикоятхо» таҳия гардида, санаи 7 июли соли 2025, №392 аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид.

Мақоми болозикр фаъолияти худро тибқи Низомномаи Комиссияи байниидоравӣ оид ба баррасии шикоятҳо, ки бо қарори болозикр тасдиқ гардида аст, ба роҳ монда, мақсади асосии он ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии иштирокдорони озмун ба ҳисоб меравад.

**Банди 32 Дар портали ягонаи хариди давлатӣ нашр намудани маълумот дар бораи натиҷаҳои ҳалли баҳсҳо ва шикоятҳо дар соҳаи хариди давлатӣ.**

Бо мақсади нашр намудани маълумот дар бораи натиҷаҳои ҳалли баҳсҳо ва шикоятҳо дар соҳаи хариди давлатӣ портали ягонаи хариди давлатии электронӣ такмил дода шуда дар он қисмати алоҳида оид ба феҳристи шикоятҳо (https://eprocurement.gov.tj/ru/agz/complaint) фаъол карда шуд. Тибқи тартиби муқаррааргардида шикоят дар мавриди ворид шудан сабт карда шуда, аз натиҷаи баррасии он маълумоти дахлдор дастрас хоҳад гардид. Дастрасии маълумот дар фуҳристи мазкур аз рӯи чандин нишондиҳандаҳо имконпазир мебошад.

**Банди 33. Ташкил ва таҳкими иқтидори кадрӣ ва захиравии (аз ҷумла, бизнес-усулҳо барои фаъолияти таҳлилӣ дар соҳаи хариди давлатӣ) Муассисаи давлатии «Маркази рушди хариди электронӣ»-и назди Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Рушди хариди электронӣ яке аз равандҳои асосии гузариш ба низомҳои муосири рақамикунони ба ҳисоб рафта, дар доираи «Лоиҳаи дуюми мукаммалгардонии идоракунии молияи давлатӣ» бо мақсади таҳияи низоми иттилоотии хариди давлатӣ ва харидҳои электронӣ, инчунин беҳтар намудани инфрасохтори Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ тавассути насби таҷҳизоти серверӣ барои низоми таҳияшуда, мукаммалгардонии системаи итилоотӣ, харид ва насби таҷҳизот ва нармафзор барои ташкили хадамоти IP телефония, хариди таҷҳизоти зарурии корӣ барои Агентӣ чорабиниҳои зарурӣ ба амалӣ карда шуданд.

Дар доираи татбиқи лоиҳа бо мақсади беҳтар намудани низоми хариди давлатӣ, ташкили Маркази тамос, хариди таҷҳизоти идоравӣ барои Агентӣ дар доираи қисмати асосии лоиҳа корҳо ба анҷом расонида шуд.

Дар баробари ин, бо мақсади таъмини раванди бефосилаи рушди ин соҳа аз ҷониби Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ лоиҳаи қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъсиси Корхонаи вохиди

давлатии «Маркази рушди низоми хариди электронии давлатӣ»-и Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 майи соли 2010, №228» таҳия гардида бо дарназардошти омӯзиш ва асосноккунии иловагиро талаб намудани баъзе ҷанбаҳон мавзуъ, баргардонида шуд.

Бо инобати баргардониданн лоиҳаҳо оид ба таъсиси корхонаи воҳиди давлатии «Маркази рушди низоми хариди электронии давлатӣ»-и Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки ҳадаф аз онҳо нигоҳдорӣ ва рушди Портали ягонаи хариди давлатии электронӣ муайян шуда буд, Агентӣ тасмим гирифтааст, ки масьалаи мазкурро дар доираи имкониятҳои мавҷуда ва моделҳои алтернативии идоракунии низомҳои иттилоотӣ ҳаллу фасл намояд.

**Банди 34. Баррасӣ ва навсозии тартиби фаъолият дар портали ягонаи хариди давлатӣ ва қоидаҳои амалисозии хариди давлатӣ.**

Бо мақсади ба талаботи замони муосир мутобиқ намудани тартиби фаъолият дар портали ягонаи хариди давлатӣ бо фармоиши Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Қоидаҳои хариди давлатии электронӣ» санаи 14 марти соли 2025 тасдиқ гардида, мавриди амал қарор дода шуд. Қоидаҳои мазкур тартиби хариди давлатии электронӣ ва тартиби анҷом додани фаъолият дар Портали ягонаи хариди давлатии электронӣ муайян менамояд, ки он тавассути портали ягонаи хариди давлатии электронӣ ба роҳ монда мешавад.

**Банди 35. Таҳия ва тасдиқи таснифгар (классификатор)-и ягонаи мол, кор ва хизматрасонӣ.**

Масъалаи таҳияи Таснифгари ягонаи мол, кор ва хизматрасонӣ дар солҳои 2024-2025 бо Бонки Умумиҷаҳонӣ мавриди корбарӣ қарор дода шуда, бинобар дарёфт нагардидани маблағҳо ба Бонки Умумиҷаҳонӣ ҷиҳати пешбинӣ гардидани маблағ дар марҳилаи навбатии Лоиҳаи мукаммалгардонии идоракунии молияи давлатӣ муроҷиат карда шудааст. Дар мавриди бастани созишномаи нав оид ба идомаи Лоиҳаи мукаммалгардонии идоракунии молияи давлатӣ, масьалаи мазкур бо пайдо гардидани манбаи маблағгузорӣ ҳалли худро хоҳад ёфт.

**Банди 36. Марҳила ба марҳила дар маҳзани электронии Хазинаи байналмилалии асъор ҷойгир намудани омори молияи давлатӣ ва омори**

**қарзи давлатӣ барои солҳои 2022-2024, мутобиқи Дастурамали омори молияи давлатии соли 2014.**

Бо мақсади мутобиқ намудани ҳисобот оид ба иҷрои буҷети давлатӣ ба станадартҳои байналмилалӣ, аз ҷумла Дастури омори молияи давлатӣ-2014 (GFS -2014), ки яке аз меъёрҳои мутобиқати гурӯҳбандии буҷетӣ ба низоми байналмилалӣ ба ҳисоб меравад, дар ҳамкорӣ бо Хазинаи Байналмилалии Асъор аз нимаи дуюми соли 2023 нашри ҳисобот оид ба иҷрои буҷети давлатӣ мутобиқ ба Дастури омори молияи давлатӣ-2014 оғоз гардид.

Айни замон, ҳисобот оид ба иҷрои буҷети давлатӣ барои солҳои 2021, 2022 ва 2023 дар маҳзани онлайнии Хазинаи Байналмилалии Асъор (www.data.imf.org) ҷойгир карда шуд.

Ҳамзамон, ҳисобот оид ба иҷрои буҷети давлатии соли 2024 низ таҳия гардида, дар марҳилаи ҷойгирнамоӣ дар маҳзани электронии ХБА ҷой дорад. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи ҳисоботии оянда корро оид ба тартиб додани ҳисоботҳо барои солҳои минбаъда ва нашри онҳо дар шакли мувофиқ ба талаботи Дастури омори молияи давлатӣ-2014 мунтазам ба роҳ мондааст.

**Банди 37. Таҷдиди назар ва тасдиқи гурӯҳбандии навшудаи минтақавӣ ва идоравӣ бо назардошти ҳама тағйироти воридшуда дар солҳои охир.**

Бо мақсади бозбинии гурӯҳбандии минтақавӣ ва идоравии буҷети давлатӣ пешниҳодҳои зарурӣ дар ҳоли таҳия қарор дошта, баъд аз пурра омода гардидан тавассути санади дахлдори вазорат то ҷамъбасти нимсолаи аввали соли 2026 тасдиқ карда мешавад.

**Банди 38. Баррасӣ ва тасдиқи гурӯҳбандии барномавии буҷетӣ аз рӯйи 5 тақсимкунандаи асосии маблағҳои буҷетӣ.**

Бо мақсади ба гурӯҳбандии барномавӣ фаро гирифтани ҳамаи тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷетӣ бо фармоиши Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 майи соли 2022, №83 «Дар бораи буҷетикунонии барномавӣ» гурӯҳбандии барномавӣ дар таҳрири нав тасдиқ карда шуд, ки ҳамаи соҳаҳо ва тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷетии сатҳи буҷети ҷумҳуриявиро дар бар мегирад.

Дар баробари ин, ба Дастурамали мазкур тартиби таҳияи дархостҳои барномавӣ ворид карда шуда, тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷетӣ метавонанд онро ҳамчун роҳнамо ҳангоми муайян намудани нишондиҳандаҳои ғайримолиявии буҷетикунонии барномавӣ истифода намоянд.

Ҳамзамон, ҷиҳати ҷоннок намудани ин раванд байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки Авруосиёгии Рушд Созишнома оид ба пешниҳоди грант аз маблағҳои

Фонди Авруосиёгии муътадилгардонӣ ва рушд барои маблағгузории лоиҳаи «Вусъат додани ҷорикунонии принсипҳои ташаккули буҷети барномавӣ» ба имзо расидааст.

Лоиҳа аз се қисм иборат мебошад, аз ҷумла вусъат ва такмил додани заминаи методологӣ ва амалияи буҷетикунонии барномавӣ, баланд бардоштани иқтидории кадрии вазорату идораҳое, ки дар татбиқи буҷетикунонии барномавӣ масъуланд ва идоракунии лоиҳа.

Дар баробари ин, дар доираи кумаки техникии лоиҳаи Иттиҳоди Аврупо ҷиҳати пешбурди раванди буҷетикунонии барномавӣ коршиноси байналмилалӣ ҷалб гардида корҳо барои таҳияи дастурҳои методӣ оид ба таҳияи гурӯҳбандии барномавӣ, муайянсозии индикаторҳои ғайримолиявии барномаҳои соҳавӣ, ҳамзамон мутобиқсозии низоми иттилоотии идоракунии молияи давлатӣ идома дорад. Аз ҷумла лоиҳаи нави гурӯҳбандии нави барномавӣ барои тақсимкунандагони асосии маблағҳои дар сатҳи ҷумҳуриявӣ фаъолияткунанда таҳия гардида, дар баррасии дохилиидоравӣ қарор дорад.

## IV. Тадбирҳо оид ба назорати молиявӣ ва аудити дохилӣ

Дар давраи ҳисоботӣ тадбирҳо оид ба назорати молиявӣ ва аудити дохилӣ фарогири ду чорабинӣ, яъне таҳия ва тасдиқи методологияи гузаронидани аудити ба таваккал асосёфта ва таъмини фарогирии пурра дар сатҳи ҷумҳуриявӣ тавсеаи тадриҷани вазифаҳои аудити дохилии маблағҳои буҷетӣ, ки қаблан аз ҷониби тақсимкунандагони асосӣ ва муассисаҳои дигари давлатӣ ба аудити дохила фаро гирифта нашудаанд, мебошад. Ҳадафи асосии чорабиниҳои мазкур ҷорӣ намудани усулҳои аудити дохилӣ дар бахши давлатӣ дар асоси хатарҳои муаяншуда ва ба аудити дохилӣ пурра фаро гирифтани маблағҳои буҷетӣ буда, дар якҷоягӣ бо лоиҳаи Бонки умумиҷаҳонӣ оид ба мукаммалгардонии идоракунии молияи давлатӣ корҳои муайяне қисман ба анҷом расонида шуда, анҷоми пурраи қисмати аввал дар муҳлати пешбининамудаи барнома таъмин карда мешавад.

**Банди 39. Таҳия, тасдиқ ва тадриҷан амалисозии методологияи гузаронидани аудити дохилии ба хавф нигаронидашуда (ва усули идоракунии хавфҳо аз рӯйи натиҷаҳои аудит) аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи таҷрибаи байналмилалӣ.**

Бо мақсади таҳия ва бозбинии санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи аудити дохилӣ дар ташкилотҳои бахши давлатӣ, инчунин мутобиқ намудани стандартҳои байналмилалии аудити дохилӣ ба стандартҳои миллӣ аз ҷониби мушовирони байналмилалӣ вазифаи техникӣ омода гардид.

Ҳамзамон, бо мақсади бозҳам мукаммал намудани фаъолияти аудити дохилӣ дар ташкилотҳои бахши давлатӣ дар доираи Лоиҳаи «Мукаммалгардонии идоракунии молияи давлатӣ-2» дар ҳамкорӣ бо мушовирони байналмилалӣ ва маҳаллӣ лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аудити дохилӣ дар ташкилотҳои бахши давлатӣ» дар таҳрири нав бо назардошти тағйироту иловаҳо омода гардида истодааст. Дар лоиҳаи мазкур барои гузаронидани дигар намудани супоришҳои аудиторӣ моддаи нав пешбинӣ шудааст.

Татбиқи чорабиниҳои мазкур имкон медиҳад, ки низоми аудити дохилӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври зарурӣ рушд намуда, тамоми санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи соҳавӣ мутобиқ ба стандартҳои байналмилалӣ омода гардида, ҷиҳати самараноку мақсаднок истифодабарии маблағҳои буҷетӣ дар ташкилоту муассисаҳои давлатӣ саҳми худро гузорад.

Дар баробари ин, дар доираи лоиҳаи «Мукаммалгардонии идоракунии молияи давлатӣ-2» дар ҳамкорӣ бо мушовирони байналмилалӣ ва маҳаллӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқии аудити дохилӣ ва назорат дар ташкилотҳои бахши давлатӣ, инчунин омода намудани дастурамалҳои методӣ барои гузаронидани панҷ намуди супоришхои аудиторй корбарй шуда истодааст.

**Банди 41. Бо мақсади таъмини фарогирии пурра дар сатҳи ҷумҳуриявӣ тавсеаи тадриҷани вазифаҳои аудити дохилии маблағҳои буҷетӣ, ки қаблан аз ҷониби тақсимкунандагони асосӣ ва муассисаҳои дигари давлатӣ ба аудити дохила фаро гирифта нашудаанд.**

Аз ҷониби раёсати аудити дохилӣ ва назорати Вазорати молия бо мақсади дар сатҳи зарурӣ фаро гирифтани ташкилотҳои ҷумҳуриявӣ, нақшаи корӣ тартиб дода шуда, дар асоси он мунтазам оид ба ҳолати риояи қонунгузорӣ, инчунин сарфаю самаранок истифодабарии маблағҳои буҷетӣ дар гирандагони маблағҳои буҷетие, ки сохтори аудити дохилӣ надоранд тахлилҳои аудитории фаъолияти онҳо гузаронида мешавад.

V. Тадбирҳо оид ба баҳисобгирии муҳосибӣ, мониториг ва ҳисоботдиҳӣ

Соли 2024-2025 татбиқи 17 чорабинии алоқаманд ба таъмин намудани дастрасии фосилавии тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷетӣ ба низоми иттилоотии идоракунии молияи давлатӣ, ҳамгирой ва пурра худкор намудани (дар сатҳи техникӣ ва меъёрӣ) низоми электронии хариди давлатӣ, даромадҳо, ҳуҷҷатҳои электронӣ ва идоракунии захираҳои кадрӣ ва ҳамгироии пурраи ин низомҳо бо низоми иттилоотии идоракунии молияи давлатӣ ва амалинамоии чорабиниҳо оид ба мукаммалсозии баҳисобгирии муҳосибӣ дар бахши давлатӣ

оғоз гардида, татбиқи 8 чорабинии он пурра анҷом ёфта, бинобар сабаби то соли 2026 пешбинӣ гардидани амалишавӣ, татбиқи 9 чорабинӣ дар ҳоли корбарӣ қарор дорад.

Амалинамоии чорабиниҳои мазкур ба рушди низоми иттилооти дар идоракунии молияи давлатӣ дар кишвар, ҷиҳати аз байн бурдани ҳуҷҷатгузориҳо бидуни таҳвили шакли коғазӣ, соддаю шаффоф намудани амалиётҳои молиявию муҳосиби мусоидат менамояд. Ҳамзамон ҷараёни ба роҳ мондани таҳлилҳои соҳавиро осон намуда, модернизатсияи низоми иттиллоти дар идоракунии молияи давлатӣ таъмин карда мешавад.

**Банди 42. Марҳила ба марҳила таъмин намудани дастрасии фосилавӣ барои тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷетӣ ба низоми иттилоотии идоракунии молияи давлатӣ на танҳо дар марҳилаи иҷро, балки дар марҳилаи таҳияи буҷет.**

Тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷетӣ (ТАМБ) дар низоми иттилоотии идоракунии молияи давлатӣ дорои имконияти ҳамкорӣ бо равандҳои таҳия ва иҷрои буҷет мебошанд. Дар қисми тақсимоти буҷет ба семоҳаҳо, аз соли 2024 барои ТАМБ дар марҳилаи тасдиқи сметаи ягонаи даромад ва хароҷот имконияти истифодаи тугмаи алоҳида ҷиҳати тасдиқи он, пешбинӣ гардидааст.

Ҳамчунин, ТАМБ ба қисми иҷрои буҷети соҳаҳои худ дастрасӣ дошта, метавонанд тамоми хароҷоти ташкилотҳои тобеи худро мушоҳида намоянд ва дар асоси он мониторинги иҷрои буҷети соҳаҳои дахлдор, инчунин таҳияи ҳисобот оид ба иҷрои буҷети давлатӣ дар самтҳои мувофиқро амалӣ намоянд.

Тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷетӣ ҷиҳати дастрасӣ ба низоми иттилоотии идоракунии молияи давлатӣ ҳамасола шахлҳои дахлдорро ба Корхонаи воҳиди давлатии «Маркази технологияҳои иттилоотии молиявӣ»-и назди Вазорати молия пешниҳод намуда, ба онҳо тибқи дархост дастрасӣ ҷиҳати таҳия ва пешниҳоди лоиҳаи буҷети муассисаҳои зертобеашон ва тасдиқи сметаи ягонаи даромад ва хароҷот таъмин карда мешавад.

**Банди 43. Ҳамгироии низоми электронии хариди давлатӣ бо низоми иттилоотии идоракунии молияи давлатӣ ва худкор намудани (дар сатҳи техникӣ ва меъёрӣ) раванди мубодилаи иттилоот байни низомҳо.**

Ҳамгироии низоми электронии хариди давлатӣ бо низоми иттилоотии идоракунии молияи давлатӣ дар сатҳи муайян таъмин гардида, Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ дастрасиро барои тасдиқи маблағи ҷиҳати гузаронидани озмуни харид пешбинишуда, тасдиқнома, дидани воридоти маблағҳо дастрасӣ дорад. Инчунин, мақомоти мазкур ҳисоботи дахлдорро оид

ба иҷрои маблағҳо аз рӯйи шартномаҳо тавассути низоми иттилоотии идоракунии молияи давлатӣ қабул менамояд.

Ҳамзамон дар соли 2026 корҳои иловагӣ ҷиҳати андешидани тадбирҳо оид ба мубодилаи иттилоот байни тарафҳо вобаста ба уҳдадориҳои шартномавӣ пешбинӣ гардидааст.

**Банди 44. Ҳамгирой ва автоматикунонии пурраи (дар сатҳи техникӣ ва меъёрӣ) низоми ҳамгирошудаи идоракунии даромадҳо ба низоми иттилоотии идоракунии молияи давлатӣ.**

Бо мақсади таҳияи механизми дастрасӣ ба махзани электронии маълумот аз рӯи сарчашмаҳои андозӣ ва ғайриандозӣ бо таъсиси платформаи электронии ягона барои мониторинги воридоти тамоми даромадҳо ва пайгирии хароҷото барномаи компютерии низоми иттилоотии андоз «Қабули пардохтҳо» роҳандозӣ гардидааст.

Маблағи андозҳо ва пардохтҳои тавассути низоми мазкур қабулгардида, дар реҷаи мустақим дар вақти воқеӣ ба маҳзани Бонки амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк», Вазорати молия ва Кумитаи андоз ворид гардида, бе дахолати фарди ба таври автоматӣ дар ҳисобварақаҳои андозсупорандагон ба ҳисоб гирифта мешаванд ва аз рӯйи маълумотҳои мазкур ҳисобот оид ба иҷрои қисми даромади буҷети давлатӣ таҳия мегардад.

Тартиби мазкур имконият дода истодааст, ки дурустии воридоти андозҳо, ки аз ҷониби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба буҷет пардохт мегардад, ба таври фаврӣ аз назар гузаронида шуда, бо ин восита қонунвайронкуниҳо пешгирӣ карда шаванд.

Дар баробари ин, дар Хадамоти гумрук модули пардохти электронӣ дар истеҳсолот мавриди татбиқ қарор дода шуд. Модули пардохтҳои электронии гумрукӣ ҳамчун модули иловагии Низоми иттилоотии автоматонидашудаи ягонаи Хадамоти гумрук буда, ба роҳ мондани пардохти маблағи гумрукиро дар шакли электронӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин менамояд.

Хамзамон, дар натиҷаи чораҳои иловагии андешидашуда ҷихати ба андозбандӣ ҷалб намудани манбаҳои мавҷуд буда, аз ҷониби Кумитаи андоз ва Вазорати молия дар соли 2024 модули барномаи компютерии «Маблағгузории тендерҳои давлатӣ» такмил дода шуда, вобаста ба ин ба Кумитаи андоз маълумотҳо оид ба маблағгузории ғолибони озмунҳои (тендерҳои) аз ҳисоби буҷет амалишаванда дар шакли электронӣ ирсол гардида истодааст.

Тибқи Дастурамал «Дар бораи тартиби сабти рақамҳои мушаххаси андозсупоранда ва рамзҳо (кодҳо) гуруҳбандии даромадҳои андозӣ ва пардохтҳои ҳатмӣ дар супоришномаҳои пардохтӣ, ҳангоми гузаронидани маблағҳо ба буҷети давлатӣ тавассути Сарраёсати хазинадории марказии

Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» маблағи андозҳо, боҷҳои гумрукӣ ва дигар пардохтҳои ҳатмб бо рамзи мақомотҳои ваколатдори воридкунандаи андозҳо ва пардохтҳои ҳатмии буҷети ҷумҳуриявӣ ва андозҳо гуруҳбандӣ шуда, дар маҷмуъ дар реҷаи вақти воқеӣ (онлайн) бо суръати баланд ва бетаъхир дар Низоми автоматишудаи байнибонкии интиқоли маблағҳои Бонки миллии Тоҷикистон коркард шуда, ба буҷети давлатӣ интикол дода мешаванд.

Бо мақсади ҳамгироии Низоми иттилоотии идоракунии молияи давлатӣ бо низоми болозикр дар доираи Лоиҳаи «Мукаммалгардонии идоракунии молияи давлатӣ-2» КВД «Маркази технологияҳои иттилоотию молиявӣ»-и назди Вазорати молия ҷалб карда шудааст.

Ҷиҳати автоматикунонии пурраи (дар сатҳи техникӣ ва меъёрӣ) низоми ҳамгирошудаи идоракунии даромадҳои дар НИИМД бо ташаббуси Вазорати молия санаҳои 5 сентябр ва 24 октябри соли 2025 ва 9 январи соли 2026 бо иштироки масъулини Вазорати молия ва намояндагони Кумитаи андоз, Хадамоти гумрук, Бонки миллии Тоҷикистон, КВД БА «Амонатбонк» ҷаласаҳои корӣ баргузор гардида. масъалаи мазкур мавриди муҳокима қарор дода шуд.

Дар ин радиф, аз ҷониби КВД «Маркази технологияҳои иттилоотии молияиявӣ»-и назди Вазорати молия бо назардошти имкониятҳои амалкунандаи НИИМД равиши оптималии татбиқи принсипи баҳисобгирии худкори даромадҳои давлатиро муайян намуда, Лоиҳаи Консепсияи автоматизатсияи баҳисобгирии даромадҳои давлатӣ дар НИИМД-и Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, барои баррасӣ ба вазорату идораҳои дахлдор фиристода шуд. Дар натиҷа, нусхаи ниҳоии Лоиҳаи консепсия бо назардошти тамоми талаботи техникӣ, молиявӣ ва ҳуқуқии ҷонибҳо таҳия гардид. Дар сурати мувофиқа ва тасдиқи лоиҳаи консепсия аз ҷониби мақомотҳои дахлдор татбиқи пирнсип оғоз хоҳад ёфт.

Илова бар ин, бо ҳадафи татбиқи самарабахши раванди баҳисобгирии даромадҳои давлатӣ ба таври худкор дар НИИМД, аз ҷониби сохторҳои дахлдори вазорат лоиҳаҳои ҳуҷҷатҳои зеринро таҳия гардида, дар баррасии дохидиидоравӣ қарор доранд:

1. Лоиҳаи Фармоиши Вазорати молия «Дар бораи татбиқи раванди баҳисобгирии даромадҳои давлатӣ ба таври худкор дар Низоми иттилоотии идоракунии молияи давлатӣ»;

2. Лоиҳаи «Нақшаи корҳо ҷиҳати татбиқи баҳисобгирии даромадҳои давлатӣ ба таври худкор дар НИИМД».

**Банди 45. Ҳамгироии низоми иттилоотии идоракунии молияи давлатӣ бо низоми иттилоотии ҳуҷҷатҳои электронӣ.**

Ҳамгироии низоми иттилоотии идоракунии молияи давлатӣ бо низоми иттилоотии «Interlink» ба фароҳам овардани дастрасии худкор ба низомҳои молиявӣ асос ёфта, ҳадафи асосии ин раванд мубодилаи автоматии маълумот байни низомҳо, таъмини дастрасии мустаким ба низомҳои Вазорати молия ва ба роҳ мондани коргузорӣ бе истифодаи ҳуҷҷатхои коғазӣ мебошад.

Татбиқ ва ҳамгироии низоми « Interlink » бо НИИМД яке аз самтҳои муҳими рақамикунонии идоракунии давлатӣ ба ҳисоб рафта, барои баланд бардоштани сатҳи шаффофият, самаранокӣ ва суръати коркарди маълумот, ҳамгироии низоми мазкур соли 2024 бо низоми иттилоотии идоракунии молияи давлатӣ ба роҳ монда шуд.

То имрӯз, ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ барои дарёфти дастрасӣ ба НИИМД ҳамасола шакли дархости дастрасӣ ва замимаи 5-ро пешниход менамуданд. Дар асоси ин ҳуҷҷатҳо дастрасӣ барои тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷетӣ ва гирандагони маблағҳои буҷетӣ аз ҷониби сохторҳои дахлдори Вазорати молия тасдиқ гардида, сипас бо мактуби расмӣ ба унвони КВД «Маркази технологияҳи иттилоотии молиявӣ» ирсол мешуд. Танҳо баъд аз ин марҳилаҳо дастрасӣ ба низом таъмин мегардид.

Бо татбиқи низоми гардиши хуҷҷатҳои электронии «Interlink» ин равандҳо ба таври назаррас коҳиш дода шуданд. Акнун роҳбарон ва сармуҳосибони ташкилоту муассисаҳо, инчунин кормандони сарраёсату раёсатҳои дахлжори ВМ метавонанд дастрасиро ба НИИМД мустакиман тавассути низоми «Interlink» ва бе пешниходи хуҷҷатҳои қогазӣ ба даст оранд. Яъне, додани дастрасӣ ба НИИМД бе таҳвили коғазӣ аз ҷониби худи роҳбарон ва сармуҳосибон анҷом дода мешавад.

Дар соли ҷорӣ барои ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ дар модули «Ҳуҷҷатҳои асосӣ» ин имконият пешбинӣ гардида, айни ҳол санҷишҳои техникӣ гузаронида шудаанд. Интизор меравад, ки дар моҳҳои наздик татбиқи пурраи ин иқдом ба роҳ монда шавад.

Тавассути низоми «Interlink» инчунин имконияти дарёфти дастрасӣ ба як қатор низомҳои дигар, аз ҷумла НИИМД TFMIS, IMOF, Портали хизматрасонихои давлатӣ, низоми КВД «Маҳфуздоранда» ва низоми DMFAS фароҳам мегардад.

**Банди 46. Дар таҳрири нав таҳия ва ҷорӣ намудани низоми иттилоотии идоракунии молияи давлатӣ бо дарназардошти технологияҳои муосир ва стандартҳои ҷаҳонӣ.**

Дар асоси фармоиши Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 апрели соли 2024, №43 Лоиҳаи модернизатсияи Низоми иттилоотии идоракунии молияи давлатӣ (НИИМД) амалӣ гардида истодааст, ки таҳияи модули

марказонидашудаи баҳисобгирии муҳосибӣ, инчунин муттаҳидгардонӣ (унификатсия)-и ҳамаи низомҳо, зернизомҳо ва модулҳоро дар як платформаи ягона дар бар мегирад.

Мақсади асосии лоиҳаи мазкур зарурати таҳияи навбатии НИИМД бо истифода аз технологияҳои замони муосир дар соҳаи барномасозӣ, ҷавобгӯ ба талаботҳои замон ва азнавсозии бизнес-ҷараёнҳои бо истифода аз таҷрибаи кории 8 солаи НИИМД мебошад.

Дар марҳилаи кунунӣ модернизатсияи низом дар зинаи анҷомёбии муваффақона қарор дорад. Пас аз анҷоми пурраи ҳамаи чорабиниҳои омодагии техникӣ ва ташкилии пешбинишуда инфрасохторӣ, муаррифии маҳсулоти барномавии муосиршудаи ватанӣ баргузор гардида, минбаъд низом ба истифодаи амалӣ супорида хоҳад шуд.

Қобили зикр аст, ки НИИМД-и муосиршуда нахустин низоми иттилоотии молиявие хоҳад буд, ки пурра аз ҷониби мутахассисони маҳаллӣ таҳия, мутобиқсозӣ ва дастгирии техникии он анҷом дода шудааст, ки ин барои таҳкими истиқлолияти рақамӣ ва амнияти иттилоотии низоми идоракунии молияи давлатӣ аҳаммияти стратегӣ дорад.

Ҳамзамон хотиррасон менамоем, ки SGB-net аз соли 2012 ҳамчун заминаи низоми нав, бар асоси низоми иттилоотии Ҷумҳурии Туркия қабул гардида буд, ва то соли 2015 аз ҷониби барномасозони маҳаллӣ ба равандҳои буҷетии Ҷумхурии Тоҷикистон мутобиқ карда шуд.

Истифодаи маҳсулоти ватанӣ ҳамчун пояи асосии ҳамгироӣ имкон медиҳад, ки соҳибияти пурраи миллӣ бар ҳалли техникӣ нигоҳ дошта шавад, хатари вобастагӣ аз таҳиягарони хориҷӣ коҳиш ёбад ва амнияти иттилоотӣ пурра таъмин гардад.

**Банди 47. Ҳамгироии пурраи (дар сатҳи техникӣ ва меъёрӣ) низоми иттилоотии идоракунии захираҳои кадрӣ бо низоми иттилоотии идоракунии молияи давлатӣ.**

Дар доираи татбиқи Лоиҳаи «Мукаммалгардонии идоракунии молияи давлатӣ-2», ки бо маблағгузории Бонки Умумиҷаҳонӣ татбиқ гардида истодааст, низоми иттилоотии идоракунии захираҳои инсонӣ таҳия карда шуд.

Низоми иттилоотии идоракунии захираҳои инсонӣ барои таъмини заминаи ягонаи муттаҳидшудаи хизматчиёни давлатӣ, кормандони техникӣ ва кормандони ташкилотҳои буҷетӣ, барои таъмини муносибатҳои ягона, механизмҳо ва равандҳои идоракунии кормандон, баланд бардоштани назорат ва шаффофияти фаъолияти кадри пешбинӣ шудааст.

Низоми иттилоотии мазкур аз модулҳои зерин иборат мебошад:

1. Модули сохтори мақомоти давлатӣ;
2. Модули идоракунии мансабҳо (фармоишҳо, қарорҳо, амрҳо);

3. Модули маълумоти кормандон (маълумоти кормандон тибқи парвандаҳои шахсӣ ва дафтарчаҳои меҳнатӣ);

4. Модули интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо (маълумотҳо вобаста ба таъин намудан ба мансаб ва озод намудан аз мансаб тибқи технологияҳои кадрӣ);

5. Модули бақайдгирии вақти корӣ;

6. Модули пардохтҳо: пардохти музди меҳнат; пардохти намудҳои ҳавасмандгардонӣ ва пардохтҳои иловагӣ; ҳифзи иҷтимоии кормандон,

7. Модули ҳисоботҳои оморӣ;

8. Модули интерфейсҳо: ҳамгироӣ (интегратсия) бо Низоми иттилоотии идоракунии молияи давлатӣ «TFMIS»-и Вазорати молия ва Низоми муттаҳидаи иттилоотии идоракунии андози Кумитаи андоз;

9. Модули худхизматрасонӣ (ворид шудани хизматчии давлатӣ (бо истифодаи ном ва рамзи махфӣ) ба утоқи шахсӣ) таҳия ва дар серверҳои барои Агентии хизмати давлатӣ пешбинишудаи КВД «Маркази технологияҳои иттилоотию молиявӣ» насб ва фаъол карда шудаанд.

То 1 январи соли 2026 ба Низоми иттилоотии идоракунии захираҳои инсонӣ аз шумораи 22817 водиди кории хизмати давлатии шаҳрвандӣ 22351 (97,9 фоиз) воҳиди корӣ ва аз шумораи 18815 нафар хизматчиёни давлатии амалкунанда маълумоти пурраи 17892 (95,0 фоиз) хизматчии давлатӣ ворид гардида, фаъолияти мазкур идома дорад.

Барои татбиқи пурраи технологияҳои кадрии хизмати давлатӣ дар Низоми иттилоотии идоракунии захираҳои инсонӣ ба иловаи 9 модули омодашуда боз таҳияи 7 модули дигар оид ба баҳодиҳии фаъолияти хизматчии давлатӣ, аттсстатсияи хизматчиёни давлатӣ, захираи кадрҳои хизмати давлатӣ, ҷойивазкунии (ротатсияи) кадрҳои роҳбарикунандаи хизмати давлатӣ, эъломиякунонии хизматчиёни давлатӣ, азнавтайёркунӣ, такмили ихтисос, таҷрибаомузии хизматчиёни давлатӣ ва модули ҳисобот дар марҳилаи минбаъдаи татбиқи Лоиҳаи дуюми «Мукаммалгардонии идоракунии молияи давлатӣ» ба анҷом расонида шуд.

Низоми мазкур тибқи шартномаҳои байни Агентии хизмати давлатӣ, Вазорати молия ва Кумитаи андоз бо Низоми иттилоотии идоракунии молияи давлатӣ «TFMIS» (бо мақсади пайвасткунии нардохти музди меҳрат ва илованулиҳо) ва низоми муттаҳидаи иттилоотии идоракунии андоз (ҷиҳати тафтиши разами мушаххаси андозсупорандагон ва эъломиякунонии хизматчиёни давлатӣ) якҷоя (интегратсия) карда шуда, кор дар ин самтҳо идома дорад.

Ҳамгироии низомҳои болозикр тибқи шартнома байни Агентии хизмати давлатӣ ва Вазорати молия бароҳ монда шуда, корҳо дар самти пайвасткунии пардохти музди меҳнат ва иловапулиҳо идома дорад.

**Банди 48. Марҳила ба марҳила ҷорӣ (ва дар ҳолати зарурӣ навсозӣ)-и стандартҳои миллӣ мутобиқи стандартҳои байналмилалии ҳисоботи муҳосибӣ дар бахши давлатӣ ва Дастури роҳнамоӣ оид ба истифодаи стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ дар бахши давлатӣ барои солҳои 2020-2025**

Дар ҳошияи татбиқи стандартҳои байналмилалии баҳисобгирии муҳосибӣ дар бахши давлатӣ дар ду давра, ки солҳои 2014 ва 2017-ро дар бар мегирад, дар заминаи стандартҳои байналмилалӣ маҷмуан 14 стандарти миллӣ, аз ҷумла марҳилаи якум 10 стандарт ва дуюм 4 таҳия гардидаанд, ки айни замон мавриди татбиқ қарор дода шуда истодаанд.

Бо мақсади амалигардонии минбаъдаи иқдомоти мазкур бо фармоиши вазири молия аз 15 июни соли 2020, №67 «Харитаи роҳи татбиқи стандартҳои байналмиллалии ҳисоботи молиявӣ дар бахши давлатии Тоҷикистон барои солхои 2020-2025» ба тавсиб расдааст, ки мувофиқи он дар ду марҳилаи минбаъда, яъне марҳилаҳои 3 ва 4 қабули 18 стандарти иловагӣ дар назар дошта шудааст, ки корҳо дар ин самт идома доранд.

Қайд кардан зарур аст, ки дар доираи Лоиҳаи мукаммалгардонии идоракунии молияи давлатӣ бо ҷалби ширкат ва мушовирони маҳаллӣ як қатор корҳо, аз ҷумла тарҷумаи «Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ» аз забони англисӣ ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ ба анҷом расонида шуда, бо фармоиши Вазири молия аз 14 октябри соли 2024, №181 тасдиқ гардид.

Дар ин замина, Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ бори нахуст бо забони давлатӣ, дар сомонаи расмии Фонди Стандартҳой байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (IFRS Foundation) бо нишонии www.ifrs.org ва дар сомонаи Вазорати молия бо нишонии www.moliya.tj барои истифода нашр гардидааст.

**Банди 49. Марҳила ба марҳила таҳия ва ҷоринамоии методологияи муттаҳидсозии ҳисоботи молиявӣ (дар асоси таҷриба дар сатҳи ду бахш)**

Тартиби таҳияи ҳисоботи молиявии маҷмӯӣ тибки «Дастурамал оид ба тартиби таҳияи ҳисоботҳои молиявии маҷмуӣ (муттаҳидшуда) дар ташкилотҳои буҷетӣ ва хазинадорӣ», ки бо фармоиши Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 апрели соли 2015, №204 ба тавсиб расидааст, муайян карда шудааст.

Қобили зикр аст, ки аз соли 2015 инҷониб ҳисоботи молиявии бахши давлатӣ мувофиқ ба шаклҳои ҳисоботи молиявии муайяншуда ва расмиёти

зарурӣ дар сатҳи буҷети давлатӣ таҳия гардида истодааст. Айни замон, аз руйи равиши амалкунанда, ҳисоботи молиявии маҷмуӣ, ки дар заминаи ҳисоботҳои молиявии ташкилотҳои буҷетӣ тартиб дода мешавад, танҳо бахши буҷетиро фарогир мебошад.

Дар марҳилаи навбатӣ такмили методологияи амалкунанда бо назардошти вусъат додани ин раванд ва шомил намудани ҳисоботи молиявии корхонаҳо ва ташкилотҳои давлатӣ ҷиҳати тартиб додани ҳисоботи молиявии бахши давлатӣ, яъне ҳам ташкилотҳои буҷетӣ ва ҳам ташкилотҳои давлатиро дар назар дорад.

Қабули стандартҳои иловагӣ заминагузорӣ асосии низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ дар ташкилотҳои бахши давлатӣ ба ҳисоб рафта, методология ва санадҳои дигари дастурӣ, аз стандартҳои мазкур маншаъ мегиранд.

Вобаста ба ин, дар баробари қабули стандартхои иловагӣ, такмили нақшаи ягонаи ҳисобҳои ва дастурҳои марбут ба он, такмили шаклҳои хисоботи молиявӣ, аз ҷумла таҳияи шаклҳои ягонашудаи молиявӣ, ки шаклҳои ҳисоботи молиявии буҷетӣ ва субъектхои хоҷагидории давлатиро муттахид менамояд, ҷадвалҳои муттахидсозии ҳисобҳои муҳосибӣ ва моддаҳои таркибии ҳисоботи молиявӣ, дастурамали таҳияи чунин ҳисобот ва омузиши масъулинро оид ба ин мавзуъ ба нақша гирифта шудааст

**Банди 50. Таҳия ва ҷоринамоии модули тағйирдодаи мутамарказонидашудаи баҳисобгирии муҳосибӣ, ки бо низоми иттилоотии идоракунии молияи давлатӣ ҳамгиро шудааст ва навсозии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ.**

Дар доираи Лоиҳаи «Мукаммалгардонии идоракунии молияи давлатӣ-2» Вазорати молия бо коршиносон ҳамкории зичро ба роҳ монда, айни замон консепсияи модул таҳия гардидааст.

Ҳамчунин, дар самти такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, иброз менамоем, ки лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» аз 2 январи соли 2025, №2138 қабул ва ба тасвиб расид, ки барои мутобиқгардонии низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ ба меъёрҳои байналмилалии соҳа, инчунин татбиқи низомҳои иттилоотии худкор дар раванди пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ нигаронида шудааст.

Айни замон, дар доираи такмили Низоми иттилооти идоракунии молияи давлатӣ таҳия ва татбиқи модули мутамарказонидашудаи баҳисобгирии муҳосибӣ ба дар назар дошта шуда, корҳо дар ин самт идома дорад.

**Банди 51. Таҳия ва тасдиқи нақшаи ягонаи тағйирдодаи ҳисобҳо ва дастурҳои дахлдор бо мақсади таҳияи ҳисоботи молиявии муттаҳидшуда, тибқи стандарти байналмилалии ҳисоботдиҳии молиявӣ дар бахши давлатӣ.**

Бо мақсади фароҳам овардани заминаи методологӣ барои таъмини гузариши низоми баҳисобгирии муҳосибии ташкилотҳои буҷетӣ ба усули ҳисобузамкунӣ ва таҳияи ҳисоботи молиявии муттаҳидшуда тариқи озмуни харид ширкати машваратӣ ҷалб карда шуд.

Мувофиқи вазифаҳои техникӣ дар марҳилаи навбатӣ, айни ҳол лоиҳаи санадҳои таҳиягардида, дар фаъолияти 3 (се) ташкилоти буҷетӣ, аз ҷумла Вазорати молия, Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа ва Кумитаи андоз мавриди санҷиши озмоишӣ гузаронида шуд.

Дар баробари ин, лоиҳаҳои дастурамалҳои зерин ҷиҳати такмили методологияи амалкунанда ва татбиқи санадҳои таҳияшуда барои таҳияи ҳисоботи молиявии буҷетӣ бо усули ҳисобузамкунӣ таҳияи гардидаанд:

- лоиҳаи Дастурамали такмилдодашуда оид ба пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ дар муассисаҳои буҷетӣ;
- лоиҳаи Дастурамали такмилдодашуда оид ба истифодаи Нақшаи ягонаи ҳисобҳои соҳаи буҷет;
- лоиҳаи Дастурамали аз нав дидашуда оид ба ташаккули ҳисоботи молиявии (баҳисобгирии муҳосибии) муттаҳидкардашудаи Тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷетӣ (ТАМБ);
- лоиҳаи Методикаи баҳисобгирии қарзи кредиторӣ ва дебиторӣ;
- лоиҳаи Методикаи баҳисобгирӣ, арзёбӣ ва аз нав арзёбии дороиҳо;
- лоиҳаи шакли сиёсати баҳисобгирӣ барои соҳаи буҷет;
- лоиҳаи ҷадвали Нақшаи ягонаи ҳисобҳое (НЯҲ),ки ҳамдигарро мебуранд барои соҳаи буҷет ва НЯҲ барои субъектҳои хоҷагидорӣ.

**Банди 52. Таҳияи чаҳорчӯбаи салоҳият барои мутахассисони соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва молия дар бахши давлатӣ (дар заминаи муассисаҳои таълимии касбӣ ва ғ.)**

Вобаста ба иҷрои банди мазкур ва бо мақсади такмили тахассуси касбӣ, донишу малака ва қобилияти муҳосибон барои иҷрои уҳдадориҳои мансабӣ, инчунин ҷиҳати танзим намудани мутобиқатии сармуҳосибони ташкилоту муассисахо, новобаста аз шакли моликият ба талаботи қонунгузории амалкунанда «Тартиби додани сертификат ва шартҳои сертификатсияи муҳосиби касбӣ ва барномаи электронии баҳисобгирии мухосибӣ» таҳия гардида, бо фармоиши Вазорати молия аз 9 июни соли 2025, №56 тасдиқ гардидааст.

Ҳамзамон дар доираи татбиқи лоиҳаи Кумаки техникии Иттиҳоди Аврупо «Оид ба ислоҳоти идоракунии молияи давлатӣ ва малакаҳои шуғл дар Тоҷикистон» Дастури методӣ оид ба идоракунии буҷет дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ таҳия карда шуда, он фарогирии қисматҳои дахлдор оид ба банақшагирӣ, иҷрои буҷет ва тартиби баҳисобгирии муҳосибӣ дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ буда, дар доираи муқаррароти он мутахассисони муасисаҳои болозикр метавонанд фаъолияти худро бароҳ монанад.

**Банди 53. Аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тадриҷан васеъ намудани фарогирии мониторинг ва сифати ҳисоботи молиявии аз аудит гузаронидашудаи корхонаҳои давлатӣ.**

Мониторинги фаъолияти молиявию хоҷагидории корхонаҳои азими давлатӣ аз ҷониби сохтори дахлдори Вазорати молия амалӣ карда шуда, ҳар сол ҳисоботи молиявии аз санҷиш гузаронидашуда ба вазорат пешниҳод карда мешавад.

Зимнан қайд менамоем, ки тибқи санади меъёрии ҳуқуқӣ дар назди Вазорати молия 77 адад субъектҳои хоҷагидори дорои манфиати умум ҳамчун ҳисоботдиҳанда аз рӯйи фаъолияти хоҷагидорӣ ба ҳисоб рафта, пешбурди баҳисобгирии молиявӣ ва ҳисоботи молиявии худро мутобиқ ба талаботи Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ ба роҳ мондаанд.

Бо дастгирии Бонки умумиҷаҳонӣ аз ҳисоби «Лоиҳаи мукамалгардонии идоракунии молияи давлатӣ марҳилаи II» Вазорати молия дар фаъолияти 5 корхонаҳо аз ҳисоби лоиҳаи мазкур аудити беруна гузаронида шуд.

Тибқи маълумот дар давраи соли 2025 аз 77 корхонаҳои азими давлатӣ дар фаъолияти 32 адади он аудити ҳатмии берунаро (бо ҷалби ширкатҳои аудитории бонуфузи байналмилалӣ) гузаронида, аз натиҷаи он ҳисоботи дахлдор унвонии Вазорати молия пешниҳод намудаанд, ки маълумоти мазкур дар сомонаи вазорат ҷойгир карда шудааст.

**Банди 54. Таъмини кадрӣ ва моддӣ (ва баланд бардоштани иқтидор)-и шуъбаи таъмини шаффофияти маълумоти буҷетии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Бо мақсади таъмини шафофияти буҷетӣ, мониторинги раванди амалишавии ислоҳот дар низоми идоракунии молияи давлатӣ, аз он ҷумла Стратегияи идоракунии молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 Шуъбаи макроиқтисодӣ, методологияи омори молияи давлатӣ ва таъмини шаффофияти буҷетӣ таъсис дода шудааст.

Фаъолияти шуъбаи мазкур ба самти мутобиқати гурӯҳбандиҳои буҷетӣ ба меъёрҳои байналмилалӣ, таҳлили макроиқтисодӣ ва беҳтар намудани мавқеи ҷумҳурӣ дар раддабандиҳои ҷаҳонӣ, аз ҷумла индекси шаффофияти буҷетӣ равона гардидааст.

Ҷиҳати баланд бардоштани иқтидори кормандони шуъба дар солҳои 2024-2025 дар ҳамбастагӣ бо лоиҳаи кумаки техникии Иттиҳоди Аврупо оид ба дастгирии буҷетӣ дар самтҳои идоракунии молияи давлатӣ ва баланд бардоштани малакаҳои шуғл дар Тоҷикистон чорабиниҳо оид ба Шарҳи натиҷаҳои арзёбӣ оид ба индекси шаффофияти буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2023, инчунин муҳокимаи таҷрибаи ҷорӣ ва пешниҳодҳо ҷиҳати боз ҳам беҳтар намудани мукаммалӣ ва нашри оммавии ҳуҷҷатҳои асосии буҷетӣ доир гардид.

Ҳамзамон, дар доираи созишномаи ҳамкории дуҷониба бо Пажуҳишгоҳи илмӣ-тадқиқоти молиявии Вазорати молияи Федератсияи Россия пайваста семинарҳои омӯзишӣ оид ба идоракуни молияи давлатӣ, аз ҷумла таъмини шаффофияти буҷет доир мегардад, ки кормандони шуъбаи мазкур яке аз иштирокчиёни он ба ҳисоб меравcovered.

Инчунин, бо дастгирии шарикони рушд кормандони шуъба ҷиҳати иштирок ба дар давраҳои омӯзишӣ оид ба низоми омори молияи давлатӣ ва тартиби таҳияи он ба давлатҳои хориҷа сафарбар гардиданд ва дар солҳои минбаъда низ тадбирҳои мазкур идома дода мешавад.

Айни ҳол 4 воҳиди кории дар шуъба мавҷуда пурра банд буда, дар он мутахассисони соҳибтаҷриба фаъолият карда истодаанд.

**Банди 55. Мониторинги иҷрои Барномаи миёнамуҳлати идоракунии хавфҳои фискалии корхонаҳои азими давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027.**

Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба татбиқи «Барномаи миёнамуҳлат оид ба идоракунии хавфҳои фискалии корхонаҳои азими давлатӣ барои солҳои 2023-2027», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳи ноябри соли 2022 тасдиқ карда шудааст, оғоз намудааст.

Раванди мониторинги Барномаи миёнамуҳлат барои давраи солҳои 2023-2027 оид ба идоракунии хавфҳои фискалии корхонаҳои азими давлатӣ ва ҷамъиятҳое, ки саҳмияҳои онҳо ба давлат тааллуқ дорад мунтазам ба роҳ монда шуда, аз натиҷаи он тибқи муҳлатҳои муқарраргардида дар алоҳидагӣ унвонии Ҳукумати ҷумҳурӣ маълумоти мавриди назар пешниҳод шуда истодааст.

**Банди 56. Баланд бардоштани иқтидори кадрӣ ва таъминоти захиравии Корхонаи воҳиди давлатии «Маркази хизматрасонии**

**маҳфуздорандаи ҳисоботи молиявӣ»-и назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Бо мақсади баланд бардоштани иқтидори кадрӣ дар доираи нақша чорабиниҳои дохилиидоравӣ кормандони корхонаи мазкур ба курсҳои такмили ихтисос, курсҳои бозомӯзии баҳисобгирии муҳосибӣ ва омӯзиши забонҳои хориҷӣ фаро гирифта шуда истодаанд.

Ҳамзамон дар асоси фармоиши Вазорати молия аз 12 майи соли 2023, №46 ба корхона 3 адад утоққои корӣ ҷудо гардида, бо таҷҳизотҳои дахлдор муҷаҳҳаз гардонида шудааст.

Дар баробари ин, вобаста ба арзёбии сарборӣ ва самаранокии фаъолияти рузмараи кормандон дар давраи ҳисоботӣ лоиҳаи низоми баҳодиҳии кормандон аз руйи нишондидандаҳои калидии фаъолият дар формата Excel тарҳрезӣ карда шудааст Низоми мазкур фарогири нишондидандаҳои арзёбӣ ва механизми худкори баҳодиҳии сатҳи сарборӣ ва самаранокии фаъолияти кормандон буда, фаъолияти кормандони Корхона тавассути он баҳодиҳӣ шуда истодааст.

Ҳамчунин, бо мақсади рақамикунонии фаъолият, раванди пешниҳоди ҳисоботҳои молиявӣ, ҷорӣ намудани низоми электронии коркарди маълумот ва механизми худкор барои нашри шакли фишурдаи ҳисоботҳои молиявӣ ва хулосаҳои аудитории субъектҳои дорои манфиати умум барои доираи васеи истифодабарандагон сомонаи расмии Корхона бо сурогаи www.dfo.tj дар таҳрири нав фаъол карда шуда, дар заминаи он Портали ҳисоботҳои молиявӣ дар қисмати алоқаманд бо ҳамкориҳо байни субъектҳои дорои манфиати умум низ фаъол гардид.

Илова бар ин бо мақсади таҳкими тавонмандии корхона ҳамкориҳо бо Бонки Умумиҷаҳонӣ ва Котиботи давлатии Швейтсария оид ба масъалаҳои иктнсодӣ (SECO) ҷоннок карда шуда, дар доираи лоиҳаи «Беҳтар намудани илораи молияи давлатӣ ва шаффофияти молиявӣ дар Тоҷикистон» заминаи дастрасии кӯмакҳои техниеӣ ба корхона фароҳам гардид.

Аз ҷумла, зерқисмати 2.1 қисмати 2 лоиҳаи мазкур пурра ба дастгирии корхона нигаронида шуда, барои саривақт татбиқ намудани чорабиниҳои амалиявӣ ва расидан ба ҳадафҳои гузошташуда 3 маротиба бо ҳамоҳангсози лоиҳа вохуриҳо баргузор ва корҳо дар ин самт пайгирона амалӣ шуда истодааст.

Ҷиҳати мутобиқгардонии фаъолияти корхона ба меъёрҳои байналмилалй ва истифодаи низоми муосир дар раванди фаъолияти он таҷрибаи кишварҳои ҳамсоя ва дигар давлатҳои аврупоии шарикони рушд мавриди омузиши иловагӣ қарор дошта, дар доираи ҳамкориҳои маҷозӣ кормандони корхона бо низоми маҳфуздории ҳисоботи молиявӣ ва мақомоти ҳамоҳангсози он дар Ҷумҳурии Қазоқистон мубодилаи таҷрибаро вобаста ба самти фаъолият ба роҳ мондаанд.

**Банди 57. Тақвият бахшидани раванди иҷрои уҳдадорӣ оид ба пешниҳоди ҳисоботҳои молиявӣ якҷо бо хулосаи аудиторӣ ба маҳфуздорандаи Корхонаи воҳиди давлатии «Маркази хизматрасонии маҳфуздорандаи ҳисоботи молиявӣ»-и назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби субъектҳои дорои манфиати умум ва корхонаҳои давлатӣ, бо роҳи ворид намудани санксияҳои ҷаримавӣ ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор барои риоя накардани чунин талабот.**

Бо мақсади ҷорӣ намудани механизми таъсиррасонӣ ва дар амал татбиқ намудани меъёрҳои муқаррарнамудаи қонунгузории баҳисобгирии муҳосибӣ, ҳисоботи молиявӣ ва фаъолияти аудиторӣ, инчунин танзими фаъолияти субъектҳои дорои манфиати умум аз ҷониби вазорат лоиҳаи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ» ва «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ» таҳия ва иловатан дар мувофиқа бо вазорату идораҳои дахлдор такмил дода шуда, тибқи тартиби муқарраргардида бо мактуб аз 27 январи соли 2026, №16-6/12 ба баррасии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол карда шудааст.

Ба тасвиб расидани лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии болозикр дар таъмини риояи меъёрҳои қонунгузорӣ ва баланд бардоштани масъулияти пешниҳоди ҳисоботҳои молиявӣ ба маҳфуздоранда, инчунин гузариши субъектҳои дорои манфиати умум аз аудити солонаи ҳатми нақши калидӣ дорад.

**Банди 58. Таҳия ва ҷори намоии меъёрҳои арзёбии самаранокии молиявӣ ва амалиётӣ барои корхонаҳои давлатӣ**

Вобаста ба масаъалаи таҳия ва ҷорӣ намудани меъёрҳои арзёбии самаранокии молиявӣ ва амалиётӣ барои корхонаҳои давлатӣ бояд қайд намуд, ки айни замон «Дастурамал оид ба баҳогузории хавфҳои фискалӣ дар фаъолияти корхонаҳои давлатие, ки ба буҷети давлатӣ таъсиррасон мебошанд» таҳия гардида, дар баррасии дохилидоравӣ қарор дорад.

## VI. Тадбирҳо оид ба аудити беруна ва назорат

Таҳкими заминаи меъёрию ҳуқуқии миллӣ дар соҳаи аудити беруна яке аз самтҳои дигари ислоҳотҳои пешбининамудаи Барномаи миёнамуҳлати амал ба ҳисоб меравад. Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон масъули иҷрои ин ҳадаф муайян гардида, аз ҷониби он 4 чорабинӣ ба нақшагирифташуда татбиқ карда шудааст.

**Банди 59. Марҳила ба марҳила ҷорӣ намудани стандартҳои миллии мақомоти олии аудитӣ ва қабули заминаи меъёрии ҳуқуқии дахлдор.**

Бо мақсади рушди заминаҳои ҳуқуқӣ стандартҳо ва дастурамалҳои соҳавӣ мутобиқ ба стандартҳой байналмилалии аудит (ISSAI) ва санадҳои меъёри ҳуқуқии милли таҳия карда шудаанд.

Ҳангоми таҳия гардидани ҳуҷҷатҳои меъёрию методологӣ оид ба аудити мутобиқат дар нақшаи чорабиниҳои аудитори ба инобат гирифтани аудити мутобиқат бо унсурҳои самаранокӣ ва таҳияи ҳисоботҳои дахлдор дар ин самт, инчунин омодаги ҷиҳати дар оянда тартиб додани ҳисоботҳои аудитори мутобиқи шаклҳои тартибдодашуда, ки бо дастгирии коршиносони байналмилалӣ дар бахши аудити беруна мутобиқи равишҳои нав таҳия гардидаанд, амалӣ шуда истодааст.

Ҷиҳати мутобиқ намудани фаъолият бо стандартҳой байналмилалии аудит ва амалигардонии Ҳадафҳои рушди устувор Палатаи ҳисоб дар ин давра Роҳнамо «Оид ба гузаронидани аудити экологӣ дар заминаи аудитҳои молиявӣ, мутобиқат ва самаранокӣ» - ро таҳия ва мавриди амал қарор дод.

Ҳамчунин, дар соли ҷорӣ «Таснифи вайронкунии қоидаҳои молиявӣ» аз ҷониби Палатаи ҳисоб таҳия ва дар якҷояги бо Вазорати молия тасдиқ ва мавриди истифода дарор дода шуд.

Бояд дайд намуд, ки Таснифи вайронкунии қоидаҳои молиявӣ, ки дар объектҳои аудити давлатӣ муайян карда мешаванд, намудҳои вайронкунии қоидаҳои молиявии дар таснифи мазкур муқарраргардидаро маҳдуд намекунад.

Таснифи вайронкунии қоидаҳои молиявӣ мутобиқ ба қонунгузориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад. Усулҳои бартарафкунии вайронкунии қоидаҳои молиявӣ бо дар назар доштани хусусиятҳои хоси ҳар як ҳолати алодида муайян карда мешавад.

**Банди 60. Таҳия, тасдиқ ва амалисозии Стратегияи нави миёнамуҳлати рушди Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Нақшаи стратегии рушди Палатаи ҳисоб барои солҳои 2024 - 2028 бо дар назар доштани анҷомёбии Стратегияи рушди Палатаи хисоб дар давраи солҳои 2019 - 2023, инчунин, паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, чолишҳо ва хавфҳои нав, ҳадафҳои рушди устувор, рушди идоракунии молияи давлатӣ, арзёбии самаранокии фаъолияти мақоми олии аудтии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Озарбойҷон ва таҳлили муколама бо ҷонибҳои манфиатдор, таҳия гардида, бо қарори ҳайати мушовараи Палатаи хисоб 30 марти соли 2024 қабул карда шуд.

Ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои Нақшаи стратегияи рушди Палатаи ҳисоб неруи касбии кормандон баланд бардошта шуда истода, фаъолият дар самти

ҷорӣ намудани методологияи нави аудит ва идрои босифати масъалаҳои вогузошта, ҷоннок гардида истодааст.

Аз ҷониби Палатаи ҳисоб талаботҳои Нақшаи чорабиниҳои татбики Стратегияи рушд дар муҳлати пешбинишуда марҳила ба марҳила мавриди арзёбӣ қарор дода шуда истодааст.

**Банди 61. Мустаҳкам намудани заминаи методӣ ва иқтидори кадрии шуъбаи аудит ва баҳодиҳии сифати Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Дар заминаи Нақшаи стратегии рушди Палатаи ҳисоб ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои вогузоршуда дар самти рушди иқтидори касбии кормандон, баланд бардоштани савияи дониш ва малакаи касбӣ як қатор корҳо ба сомон расонида шуд.

Баланд бардоштани сатҳи дониши касбии хизматчиёни давлатӣ ки яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии кадрҳо ба шумор меравад, таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда мешавад.

Ҷиҳати тақвият бахшидани донишу малакаи хизматчиёни давлатӣ Нақшаи машғулиятҳои омӯзиши идоравӣ барои соли 2025 таҳия гардида, тибқи он машғулиятҳо тариқи лексия - суҳбатҳо бо иштироки васуи кормандон ба роҳ монда шудааст.

Дар баробари ин, ҷиҳати мутобиқ намудани фаъолият ба стандартҳои байналмилалии аудит ва такмил додани идоракунии молияи давлатӣ бо роҳи худомузии касби 50 нафар мутахассисони Палатаи ҳисоб тариқи онлайн ба таҳсилоти касбӣ барои аудиторони ниҳодҳои аудит (PESA) фаро гирифта шудаанд, ки баъди хатм ва супоридани имтиҳон соҳиби сертификати байналмилалӣ барои аудиторони мақоми олии аудит мегарданд.

**Банди 62. Марҳила ба марҳила гузаронидани аудити самаранокӣ дар сатҳи бахшҳои таҷрибавӣ ва тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷетӣ, инчунин ҷойгиркунии хулосаҳои (ҳисоботҳои) аудиторӣ дар сомонаи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон, тибқи таҷрибаи байналмилалӣ.**

Бояд қайд намуд, ки аввалин маротиба дар таърихи фаъолияти Палатаи хисоб баъди шомил шудан ба барномаи Ташаббуси ҷахонии масъулиятшиносии мақоми олии аудит бо мусоидати бевоситаи Ташаббуси рушди ИНТОСАЙ арзёбии самаранокии фаъолияти Палатаи хисоби Ҷумхурии Тоҷикистон аз ҷониби МОА Ҷумҳурии Озарбойҷон мутобиқ ба Низоми баҳодиҳии самаранокии МОА гузаронда шуд.

Дар натиҷаи арзёбии фаъолият ва иҷрои тавсияҳо дар сохтори Палатаи ҳисоб раёсати аудити самаранокӣ ба фаъолият шуруъ намуд, ки аз ҷониби

кормандони раёсат дар соли 2024 8 адад дар ва соли 2025 10 адад аудити самаранокӣ гузаронда шуд.

Ҳамзамон, қайд намудан бамаврид аст, ки бо мақсади таъмини шаффофият ва ба ҷонибҳои манфиатдор дастрас намудани маълумотҳои муфид вобаста ба арзёбии самараноку мақсадноки маблағҳои буҷетӣ, идоракунии захирахои давлатӣ, хулосаҳои аудиторӣ аз натиҷаи чорабинихои аудиторӣ мунтазам дар сомонаи расмии Палатаи хисоб ба нашр расонида мешавад.

## VII. Тадбирҳо оид ба шаффофият ва ҳисоботдиҳӣ

Пешниҳоди саривақтӣ, пурмазмун ва босифати иттилооти буҷетӣ ва молиявӣ, инчунин маълумот оид ба нишондиҳандаҳои фаъолияти соҳа (самаранокӣ) ба ҷомеа ва ҷонибҳои манфиатдори беруна, қисматҳои асосии тадбирҳо оид ба дастрасии аҳолӣ ба иттилоотро ташкил дода, бахши мазкур ба панҷ чорабинии асосӣ тақсим мегардад.

Ҳолати татбиқи чорабиниҳо нишон медиҳад, ки 2 чорабинӣ дар самти саривақт ҷойгир намудани маълумоти буҷетӣ ва молиявӣ, инчунин иттилооти марбут ба татбиқ ва мониторинги тадбирҳо оид ба сиёсат ва ислоҳот дар самти идоракунии молияи давлатӣ дар сомонаи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва гузаронидани вохӯриҳо ва муҳокимаҳо бо намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ дар самти идоракунии молияи давлатӣ ва буҷетикунонӣ ба анҷом расонида шуда, амалишавии пурраи 3 чорабинӣ давоми давраи татбиқи барнома ба нақша гирифта шудааст.

**Банди 63. Таҳия ва тасдиқи (ё навкунии) ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи дастурҳои методӣ оид ба таҳия, мазмун ва интишори саривақтии оммавии ҳисоботҳои буҷетӣ (аз ҷумла буҷети шаҳрвандӣ) дар сомонаи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи амалияи байналмилалӣ.**

Ҷиҳати таъмини самаранокии интишори оммавии ҳисоботҳои буҷетӣ (аз ҷумла буҷети шаҳрвандӣ) Дастурамали методӣ дар бораи таҳияи Шарҳи нимсолаи иҷрои Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо фармоиши Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 сентябри соли 2020, №202 ва Дастурамали методӣ оид ба таҳия ва ҷойгиркунии буҷети шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо фармони Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 сентябри соли 2020, №106 тасдиқ шуда, айни замон корҳои такмили ин санадҳо ҷиҳати нашри саривақтӣ ва босифати ҳуҷҷатҳои асосии буҷетӣ идома дорад. Аз ҷумла, бояд қайд намуд, ки дар марҳилаи мазкур таваҷҷӯҳи асосӣ ба такмили дастурҳои амалкунанда оид ба таҳия ва нашри Шарҳи нимсолаи иҷрои Буҷети

давлатӣ ва ҳуҷҷатҳои алоқаманд ба буҷети шаҳрвандӣ, аз ҷумла, равона мегардад.

Тамоми тавсияҳои зарурӣ оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба ин дастурамалҳои методӣ муайян карда шуда, айни замон бо мақсади ҳамгироии самараноки онҳо ба раванди ташкилию идоракунӣ корҳо ҷиҳати вориднамоӣ ва тасдиқи онҳо идома дорад.

**Банди 64. Мукаммал ва беҳтаргардонии мундариҷа ва сифати ҳафт (аз ҳашт) ҳуҷҷати асосии буҷетӣ мутобиқи методологияи хароҷоти давлатӣ ва ҳисоботи молиявӣ ва шохиси шаффофияти буҷетӣ.**

Яке аз дастовардҳои самти мазкур дар таъмини саривақт таҳия ва нашри ҳафт ҳуҷҷати калидии буҷетӣ дар марҳилаҳои асосии раванди буҷетӣ тибқи талаботи таҷрибаи пешқадами таъмини шаффофияти буҷети давлатӣ дида мешавад. Айни замон дар сомонаи расмии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, даромади буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳадди ниҳоии хароҷот аз рӯи соҳаҳои барои соли молиявии оянда ва ду соли пешгӯишаванда, Лоиҳаи қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солиояндаи молиявӣ, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқшуда, ҳисоботҳои семоҳа оид ба иҷроиши буҷети давлатӣ, Шарҳи нимсолаи иҷроиши буҷети давлатӣ, Буҷети шаҳрвандӣ ва Ҳисоботи солона бо замимаҳояшон мунтазам нашр мешаванд.

Боиси қайд аст, ки баҳри оммафаҳм намудани маълумоти буҷетӣ ва баланд бардоштани маърифати молиявии шаҳрвандон бо мақсади ҷалби васеъи ҷомеаи шаҳрвандӣ ба раванди муҳокима, таҳия, тасдиқ ва мониторинги иҷроиши буҷети давлатӣ Тавзеҳот ба Дурнамои самтҳои асосии сиёсати давлатии молиявию буҷетӣ ва андозӣ, Тавзеҳот ба Лоиҳаи Қонуни буҷети давлатӣ, Тавзеҳот ба ба Қонуни тасдиқшудаи Буҷети давлатӣ ва ҳамчунин Буҷети шаҳрвандӣ дар асоси Лоиҳаи қонуни буҷети давлатӣ, Буҷети шаҳрвандӣ дар асоси Қонуни тасдиқшудаи Буҷети давлатӣ омода ва дар форматҳои гуногун нашр мешаванд.

Тибқи маълумоти мониторинги шарикони рушд агар дар соли 2023 (тибқи маълумоти Шохиси шаффофияти буҷети давлатӣ) дар сомонаи расмии вазорат дар умум 5 ҳуҷҷати асосии буҷетӣ бо 9 адад ҳуҷҷатҳои замимашуда нашр шуда бошад айни ҳол 7 ҳуҷҷати буҷетӣ бо 48 адад ҳуҷҷатҳои замимашуда нашр мешаванд. Дар соли 2023 холли миёнаи арзёбии мукаммалии ҳуҷҷатҳои буҷетӣ 27,9 холл аз 100 холли имконпазирро ташкил дода буд, айни ҳол ин нишондиҳанда 57,3 холлро ташкил медиҳад, ки 29,4 хол зиёдтар аст. Ҳамаи ин аз дастрасии муккамалии маълумоти буҷетӣ шаҳодат медиҳад.

**Банди 65. Дар сомонаи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сари вақт ҷойгир намудани маълумоти буҷетӣ, инчунин иттилооти марбут ба ҷорӣ ва мониторинги тадбирҳо оид ба сиёсат ва ислоҳот дар самти идоракунии молияи давлатӣ.**

Соли 2024 таҷдид ва навсозӣ сомонаи Вазорати молия пурра ба анҷом расид. Таҳрири сомона бо назардошти талаботҳои «Қоидаҳои ягона барои сомонаҳои расмии вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар шабакаи интернет», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 июли соли 2017, №344 тасдиқ шудааст, анҷом дода шуда, дар он бахшҳои алоҳида оид ба шаффофияти буҷет, раванди буҷетӣ, идоракунии молияи давлатӣ илова гардид.

Аз ҷониби Вазорати молия дар муҳлатҳои муқарраргардидаи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, ҳисобот оид ба иҷрои буҷети давлатӣ, буҷети шаҳрвандӣ, қарзи давлатӣ, ҳуҷҷатҳо ва нишондиҳандаҳои марбут ба раванди буҷетӣ ва ҳисобот оид ба раванди иҷрои Стратегияи идоракунии молияи давлатӣ, ки ҳисоботи мазкур фарогирӣ маълумот оид ба ҷараёни татбиқи ислоҳотҳои соҳа мебошад, дар сомонаи мазкур ҷойгир карда шуданд.

**Банди 66. Мунтазам гузаронидани вохӯриҳо ва муҳокимаҳо бо намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ дар самти идоракунии молияи давлатӣ ва буҷетикунонӣ дар марҳилаҳои гуногуни раванди таҳияи буҷети давлатӣ, тибқи таҷрибаи байналмилалӣ.**

Дар Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки намояндагони васоити ахбори омма, ташкилотҳои ғайридавлатӣ, коршиносони мустақил ва кормандони воҳидҳои сохтории дахлдори вазорат Шарҳи натиҷаҳои арзёбӣ оид ба индекси шаффофияти буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2023, инчунин муҳокимаи таҷрибаи ҷорӣ ва пешниҳодҳо ҷиҳати боз ҳам беҳтар намудани мукаммалӣ ва нашри оммавии ҳуҷҷатҳои асосии буҷетӣ дар солҳои 2024 ва 2025 2 чорабинӣ бо иштироки 28 нафар доир гардид.

Чорабинии мазкур дар ҳамбастагӣ бо лоиҳаи кумаки техникии Иттиҳоди Аврупо оид ба дастгирии буҷетӣ дар самтҳои идоракунии молияи давлатӣ ва таҳсилоти касбӣ-техникӣ ташкил карда шуд.

Дар баробари ин дар доираи лоиҳаи мазкур ҷиҳати баланд бардоштани маърифати молиявӣ, аз ҷумла огоҳии ҷомеа оид ба раванди буҷетӣ, ташакули даромади буҷети давлатӣ, самтҳои хароҷоти он ва дигар самтҳо ба фаъолияти Вазорати молия алоқаманд бо иштироки намояндагони васоити ахбори омма ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ 8 семинари омӯзишӣ баргузор гардид, ки дар он 107 нафар иштирок намуд.

Вазорати молия ҷиҳати такмил ва таҳкими раванди таҳия ва нашри оммавии ҳуҷҷатҳои буҷетӣ, баррасии онҳо мунтазам тадбирҳоро амалӣ намуда истодааст.

**Банди 67. Сари вақт ҷойгир намудани ҳисобот оид ба нишондиҳандаҳои ғайримолиявии натиҷабахшӣ (самаранокӣ).**

Ҷиҳати мутобиқи таҷрибаи байналмилалӣ дар сомонаи Вазорати молия ҷойгир намудани маълумот оид ба иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли дахлдори молиявӣ», нишондиҳандаҳои хароҷоти буҷети ҷумҳуриявӣ барои соли 2024 аз рӯйи гурӯҳбандии васеи буҷетӣ, аз ҷумла аз рӯйи гурӯҳбандиҳои иқтисодӣ, вазифавӣ, маъмурӣ ва барномавӣ омода ва нашр карда шудааст (https://moliya.tj/Documents/Index/530).

Дар баробари ин ба таври таҷрибавӣ дархостҳои барномавии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии ҶТ ва Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии назди ҲҶТ, ки фарогири нишондиҳандаҳои ғайримолиявӣ, яъне нишондиҳандаҳои самаранокӣ мебошанд дар сомонаҳои мақомотҳои болозикр нашр ва дастрасӣ умум гардонида шуда, дар назар аст, ки иҷроиши нишондиҳандаҳои самаранокии вазоратуи идораҳои болозикр дар солҳои минбаъда омода ва дастрасӣ омма гардонида шавад.

Илова бар ин бо мақсади пешбурди раванди буҷетикунонии барномавӣ ҷалби коршиноси байналмилалӣ барои таҳияи дастурҳои методӣ оид ба истифодабарии гурӯҳбандии барномавӣ, муайянсозии индикаторҳои ғайримолиявии барномаҳои соҳавӣ, дар доираи кумаки техникии лоиҳаи Иттиҳоди Аврупо ба нақша гирифта шудааст.

**Шарҳи кутоҳи**
**ҳолати иҷрои бандҳои барномаи миёнамуҳлат**
**дар солҳои 2024-2025**

| **I. Тадбирҳо оид ба устувории чаҳорчубаи макрофискалӣ ва рушди даромадҳои давлатӣ** | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| §1. Ислоҳот дар соҳаи банақшагирии стратегӣ | | | | | |
| Ҳадафи 1. Ворид намудани тағйирот ба заминаи меъёрии ҳуқуқии амалкунанда ва қонунгузории миллӣ бо мақсади фаъолгардонӣ ва ҳамоҳангсозии ислоҳоти бахши давлатӣ, аз ҷумла ислоҳот дар соҳаи идоракунии молияи давлатӣ | | | | | |
| № | Чорабинӣ | Натиҷаи пешбинишуда | Муҳлати иҷро | Мақомоти масъул | Ҳолати иҷро |
| 1. | Таъсиси воҳиди сохтории дахлдор оид ба ислоҳоти идоракунии молияи давлатӣ (қаблан ҳамчун котиботи идоракунии молияи давлатӣ)-и назди Вазорати молия бо мақсади назорати амалисозии ислоҳот ва ҳамоҳангсозии фаъолият дар соҳаи идоракунии молияи давлатӣ бо ҷонибҳои манфиатдор | Котиботи идоракунии молияи давлатӣ таъсис дода шуд ва пурра кор мекунад | 2024 | Вазорати молия ва дигар вазорату идораҳои дахлдлор | Иҷро карда шуд |
| Ҳадафи 2. Баланд бардоштани сифати нақшаҳои стратегии таҳиянамудаи вазоратҳои соҳавӣ (яъне тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷетӣ), бо нишон додани хароҷоти татбиқи онҳо. | | | | | |
| 2. | Таҳия (бозбинӣ) ва тасдиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор, ки баҳодиҳии маблағгузории амалисозии стратегияҳо ва барномаҳои давлатиро бо талаботи ҳатмии пайвастани эҳтиёҷоти арзёбишаванда ба маблағгузорӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ, мутобиқи принсипҳои буҷетӣ дар асоси сиёсат пешбинӣ мекунанд | Санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор аз нав дида баромада ва ё тасдиқ карда мешаванд | 2025-2026 | Вазорати молия | Дар раванди иҷро қарор дорад |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 3. | Баланд бардоштани иқтидори кадрии вазорату идораҳои дахлдор ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар самти дурнамосозии макроиқтисодӣ тавассути расонидани кумаки методӣ (ёрии амалӣ) | Семинарҳои омӯзишӣ ва кумаки методӣ дар самтҳои дурнамосозии макроиқтисодӣ гузаронида шуд | 2024-2026 | Вазорати рушди иқтисод ва савдо, вазорату идораҳои дахлдор ва мақомоти иҷроияи маҳаллӣ | Иҷро карда шуд |
| 4 | Бо дарназардошти таҷрибаи ҷаҳонӣ ба чаҳорчӯбаи миёнамуҳлати макрофискалӣ дар раванди таҳияи буҷети давлатӣ ворид намудани ҳадди ниҳоии хароҷот барои тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷетӣ (вазорату идораҳои калидии соҳавӣ) | Ҳадди ниҳоии хароҷот барои тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷетии калидии соҳавӣ ба чаҳорчӯбаи миёнамуҳлати макрофискалӣ дохил карда мешавад | 2025-2026 | Вазорати молия | Иҷро карда шуд |
| §3. Тадбирхо дар соҳаи дурнамои даромадҳои давлатӣ | | | | | |
| Ҳадафи 3. Таҳияи методология оид ба арзёбии таъсири тадбирҳо ва ислоҳот (аз ҷумла механизми ҳисобкунии самаранокии пешниҳоди имтиёзҳо ба соҳибкорон) | | | | | |
| № | Чорабинӣ | Натиҷаи пешбинишуда | Муҳлати иҷро | Мақомоти масъул | Ҳолати иҷро |
| 5 | Таҳия ва тасдиқи методологияи баҳодиҳии таъсири тадбирҳо ва ислоҳот (аз ҷумла механизми ҳисоби самаранокии пешниҳоди имтиёзҳо ба соҳибкорон) | Методологияи баҳодиҳӣ таҳия ва тасдиқ карда хоҳад шуд | 2025-2026 | Вазорати молия ва Кумитаи андоз | Дар раванди иҷро |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | қарор дорад |
| Ҳадафи 4. Беҳтар намудани раванди таҳияи лоиҳаи нишондиҳандаҳои даромади буҷети давлатӣ | | | | | |
| 6. | Омӯзиши таҷрибаи муосири байналмилалӣ ҷиҳати такмили низоми дурнамосозии даромади буҷети давлатӣ | Чорабиниҳои омӯзишии таҷрибаи байналмилалӣ барои кормандони масъули Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба анҷом расонида мешаванд | 2024-2025 | Вазорати молия | Иҷро карда шуд |
| 7. | Баргузор намудани машғулиятҳои омӯзишӣ барои кормандони мақомоти молия оид ба кор бо усулу моделҳои нави дурнамои даромади давлатӣ | Машғулиятҳои омӯзишӣ барои кормандони мақомоти молия гузаронида хоҳанд шуд | 2025-2026 | Вазорати молия | Иҷро карда шуд |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 8. | Тасдиқ ва амалигардонии нақшаи амали солҳои 2024-2026-барои Барномаи миёнамуҳлати даромадҳои буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи солҳои 2024-2029 | Нақшаи чорабиниҳо барои солҳои 2024-2026 тасдик ва ба амал баровcovарда шуд | 2024-2026 | Вазорати молия, Кумитаи андоз, Хадамоти гумрук ва дигар вазорату идораҳои дахлдор | Иҷро карда шуд |
| 5. Таҳлили мунтазами иҷрои буҷети давлатӣ ва таъмини дастрасӣ ба ин маълумот | | | | | |
| № | Чорабинӣ | Натиҷаи пешбинишуда | Мухлати иҷро | Мақомоти масъул | Ҳолати иҷро |
| 9. | Ворид намудани таҳлили даромадҳои буҷети давлатӣ ба ҳисоботи шарҳи иҷрои буҷети давлатӣ барои нимсола ва солона, ки аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр карда мешавад | Таҳлили даромадҳои буҷети давлатӣ ба ҳисобот оид ба иҷрои буҷети давлатӣ дохил карда хоҳад шуд | 2024-2026 | Вазорати молия | Иҷро карда шуд |
| **II. Тадбирҳо оид ба банақшагирии хароҷоти буҷети давлатӣ** | | | | | |
| §4. Тадбирҳо оид ба идоракунии қарзи давлатӣ | | | | | |
| Ҳадафи 6. Муосиргардонии низом ва амалияи идоракунии қарзи давлатӣ | | | | | |
| № | Чорабинӣ | Натиҷаи пешбинишуда | Мухлати иҷро | Мақомоти масъул | Ҳолати иҷро |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 10. | Таҳия ва тасдиқи методологияи баҳодиҳӣ ва таҳлили хавфҳои қарзӣ (ва усулҳои ҳисоб кардани ҳаққи кафолат) ҳангоми баррасии қарзҳои нав ва кафолатҳои давлатӣ | Методологияи баҳодиҳӣ ва таҳлили хавфҳои қарзӣ таҳия ва тасдиқ карда хоҳад шуд | 2024-2025 | Вазорати молия | Дар ҳоли оғози татбиқ |
| 11. | Амалисозии Стратегияи идоракунии қарзи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2024-2026 ва таҷдиди солонаи он дар доираи таҳияи буҷети миёнамуҳлат мутобиқи таҷрибаи байналмилалӣ | Стратегияи идоракунии қарзи давлатӣ бо дарназардошти таҷдиди солонаи он мутобиқи таҷрибаи ҷаҳонӣ амалӣ карда мешавад | 2024-2026 | Вазорати молия | Дар раванди иҷро қарор дорад |
| 12. | Бозбинӣ ва дар таҳрири нав таҳия намудани заминаи меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи идоракунии коғазҳои қиматноки давлатӣ мувофиқи тавсияҳои охирини Баҳодиҳии идоракунӣ ва самаранокии қарз | Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи идоракунии коғазҳои қиматноки давлатӣ бозбинӣ ва ё нав карда мешаванд | 2024-2026 | Вазорати молия, Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Бонки миллӣ, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ | Иҷро карда шуд |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 13. | Амалисозии пурра ва ҳамгироии низоми идоракунии қарз ва таҳлили молиявӣ бо низоми иттилоотии идоракунии молияи давлатӣ, ки бо санадҳои меъёрии дахлдор ва супоришҳои техникӣ тасдиқ карда мешавад | Низоми идоракунии қарз ва таҳлили молиявӣ пурра ҷорӣ ва бо низоми иттилоотии идоракунии молияи давлатӣ ҳамгирой карда хоҳад шуд | 2024-2026 | Вазорати молия | Дар раванди иҷро қарор дорад |
| 15 | Бозбинии заминаи меъёрии ҳуқуқӣ бо мақсади дар бар гирифтани муқаррарот дар бораи он, ки чи гуна ташкилотҳои ғайримолиявии бахши давлатӣ бояд дар бораи фаъолияти қарзии худ (аз ҷумла кафолатнок) гузориш диҳанд | Санади меъёрии ҳуқуқии дахлдор бозбинӣ ва тасдиқ карда хоҳад шуд | 2025-2026 | Вазорати молия | Дар раванди иҷро қарор дорад |
| §5. Тадбирҳо оид ба амалӣ гардондани марҳилаи II Стратегияи идоракунии молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 | | | | | |
| Ҳадафи 7 . Ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо мақсади таъмини амалияи муносиби банақшагирии миёнамуҳлат ва буҷетикунонӣ | | | | | |
| № | Чорабинӣ | Натиҷаи пешбинишуда | Муҳлати иҷро | Мақомоти масъул | Ҳолати иҷро |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 16. | Ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бо мақсади ҷорӣ намудани ҳадди ниҳоии хароҷоти пешакии соҳа ба дастурамалҳо оид ба марҳилаи якуми раванди таҳияи буҷети давлатӣ ва ҳадди ниҳоии хароҷоти тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷетӣ дар дастурамал оид ба марҳилаи дуюми раванди таҳияи буҷет мутобиқи таҷрибаи ҷаҳонӣ | Санади меъёрии ҳуқуқии дахлдор бозбинӣ ва тасдиқ карда хоҳад шуд | 2024-2025 | Вазорати молия | Иҷро карда шуд |
| 17. | Ба самтҳои асосии сиёсати андозию буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон (яъне дар стратегияи фискалӣ) ворид намудани шарҳи тафовути назаррас байни нақшаи тасдиқшуда ва аниқшудаи нишондиҳандаҳои буҷетӣ барои марҳилаи II мутобиқи таҷрибаи байналмилалӣ | Ҳуҷҷати Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Самтҳои асосии сиёсати андозию буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз нав дида баромада ва тасдиқ хоҳад шуд | 2024-2026 | Вазорати молия, Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Бонки миллии Тоҷикистон, Кумитаи андоз | Иҷро карда шуд |
| §8. Самаранок ва пурра амалӣ намудани марҳилаи II Стратегияи идоракунии молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дар бахши давлатӣ | | | | | |
| 19 | Додани ваколат ба тақсимкунандагони калидии асосии маблағҳои буҷети соҳавӣ аз рӯйи вазифаи муттаҳидсозии буҷетҳои бахшҳои худ ва таҳияи | Ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор бозбинӣ ва тасдиқ карда мешаванд | 2025-2026 | Вазорати молия | Дар раванди иҷро |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | ҳисоботи мунтазам дар бораи иҷрои буҷетҳои бахшҳои дахлдор | | | | қарор дорад |
| §6. Тадбирҳо оид ба буҷетикунонии барномавӣ | | | | | |
| № | Чорабинӣ | Натиҷаи пешбинишуда | Муҳлати иҷро | Мақомоти масъул | Ҳолати иҷро |
| 20. | Марҳила ба марҳила таҳия ва тасдиқ намудани гурӯҳбандии барномавии буҷетӣ барои ҳамаи тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷетӣ ва соҳавӣ дар сатҳи буҷети ҷумҳуриявӣ | Гурӯҳбандии барномавии буҷетӣ бозбинӣ ва тасдиқ карда хоҳад шуд | 2024-2026 | Вазорати молия ва вазорату идораҳои соҳавӣ | Дар раванди иҷро қарор дорад |
| 22. | Таҳия ва тасдиқи методология ва дастурҳо оид ба:<br>- муайян кардани нишондиҳандаҳои ғайримолиявии буҷетикунонии барномавӣ барои тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷетӣ/соҳаҳои таҷрибавӣ;<br>- мониторинги барномаҳои буҷетӣ ва шаклҳои ҳисобот | Методология ва дастурои дахлдор таҳия ва тасдиқ карда мешаванд | 2024-2026 | Вазорати молия ва вазорату идораҳои соҳавӣ | Дар раванди иҷро қарор дорад |
| 23. | Ҳамгироии гурӯҳбандии барномавӣ ва барномаҳои буҷетӣ (нишондиҳандаҳои молиявӣ ва ғайримолиявӣ) дар низоми иттилоотии идоракунии молияи давлатӣ | Нишондиҳандаҳои гурӯҳбандии барномавӣ ба низоми хазинадории низоми иттилоотии идоракунии молияи давлатӣ дохил карда шуданд | 2024-2026 | Вазорати молия ва вазорату идораҳои соҳавӣ | Дар раванди иҷро қарор дорад |

| §9. Ворид намудани тағйирот ба қонунгузории амалкунанда ҷиҳати сифатан беҳтар намудани муносибатҳои байнибуҷетӣ, аз ҷумла ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 24 | Таҳия ва тасдиқи нақшаи амал оид ба марҳила ба марҳила озод намудани буҷети ҷумҳуриявӣ аз ҷудо намудани маблағҳои мусоидати молиявӣ, дотатсия ва субсидия ба буҷетҳои маҳаллӣ | Нақшаи амал таҳия ва тасдиқ карда хоҳад шуд | 2025-2026 | Вазорати молия, вазорату идораҳои соҳавӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | Дар ҳоли оғози татбиқ |
| 25 | Такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ оид ба пешниҳод ва нашри ҳисобот марбут ба истифодаи мусоидати молиявӣ аз ҷониби мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, аз рӯйи соҳаҳо ва минтақаҳо | Санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор таҷдиди назар мегарданд | 2025-2026 | Вазорати молия | Мавқуф гузошта шуд |

| III. Тадбирҳо оид ба иҷрои буҷет ва давромадҳои давлатӣ | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| **1. Тадбирҳо оид ба маъмурикунонии андоз** | | | | | |
| **№** | Чорабинӣ | Натиҷаи пешбинишуда | Муҳлати иҷро | Мақомоти масъул | Ҳолати иҷро |
| 26. | Бо дарназардошти омӯзиши таҷрибаи ҷаҳонӣ мунтазам такмил додани меъёрҳои арзёбии дараҷаи ба хавф нигаронидашудаи иҷрои буҷети давлатӣ | Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи аудити ба хавф нигаронидашуда такмил дода мешаванд | 2024-2026 | Кумитаи андоз ва Хадамоти гумрук | Иҷро карда шуд |
| 27. | Ҷоринамоӣ пурраи ва истифодаи модули хавф ва равиши ба хавф нигаронидашуда (яъне методология) ҳангоми гузаронидани санҷишҳои андоз дар Низоми ҳамгироишудаи маъмурикунонии андози Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин ҷорӣ намудани раванди дар шакли электронӣ баргардонидани маблағи андоз аз арзиши иловашуда | Модули хавфҳо дар Низоми ҳамгироишудаи маъмурикунонии андози Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷорӣ ва таҷдид карда хоҳад шуд (яъне мавриди истифода қарор мегирад) | 2024-2026 | Вазорати молия, Кумитаи андоз ва Хадамоти гумрук | Дар раванди иҷро қарор дорад |
| 28. | Ҷиҳати таъмини шаффофият ва ҷамъоварии маблағҳои иловагии андоз ба буҷети давлатӣ, тибқи тартиби муқарраршуда баррасии масъалаи шомилшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба лоиҳаи мубориза бо саркашӣ аз пардохти андозҳо ва интиқоли фоида ба Форуми глобалӣ оид ба шаффофият ва табодули иттилоот барои мақсадҳои андоз | Масъалаи шомилшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба лоиҳаи мубориза бо саркашӣ аз пардохти андозҳо ва интиқоли фоида ба Форуми глобалӣ оид ба шаффофият ва табодули | 2024-2026 | Кумитаи андоз ва Вазорати молия | Иҷро карда шуд |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | иттилоот барои мақсадҳои андоз баррасӣ гардид | | | |
| §9. Тадбирҳо оид ба ислоҳоти идоракунии хазинадорӣ | | | | | |
| № | Чорабинӣ | Натиҷаи пешбинишуда | Мухлати иҷро | Мақомоти масъул | Ҳолати иҷро |
| 29. | Ҷорӣ намудани талаботи меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла дастурамали намунавӣ оид ба қарзҳои дебиторӣ ва кредиторӣ барои ташкилотҳои буҷетӣ ва Сарраёсати хазинадории марказии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба навсозии нақшаҳои гардиши пули нақд на танҳо ҳар сол, балки ҳар семоҳа тибқи таҷрибаи ҷаҳонӣ | Дастури намунавӣ таҳия ва тасдиқ карда шуда, ҳуҷҷатҳои дахлдори меъёрии ҳуқуқӣ бозбинӣ (ё таҳия) ва тасдиқ карда хоҳанд шуд | 2024-2026 | Вазорати молия | Дар раванди иҷро қарор дорад |
| §10. Тадбирҳо оид ба ислоҳот дар соҳаи хариди давлатӣ | | | | | |
| № | Чорабинӣ | Натиҷаи пешбинишуда | Мухлати иҷро | Мақомоти масъул | Ҳолати иҷро |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 31. | Пурра ҷорӣ ва фаъол намудани мақоми мустақил оид ба баррасии шикоятҳо дар соҳаи хариди давлатӣ | Мақоми байниидоравӣ оид ба баррасии шикоятҳо дар соҳаи хариди давлатӣ пурра фаъол гардонида мегардад | 2024-2025 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ | Иҷро карда шуд |
| 32 | Дар портали ягонаи хариди давлатӣ нашр намудани маълумот дар бораи натиҷаҳои ҳалли баҳсҳо ва шикоятҳо дар соҳаи хариди давлатӣ | Натиҷаҳои ҳалли баҳсҳо ва шикоятҳо дар соҳаи хариди давлатӣ дар портали ягонаи хариди давлатӣ нашр мегарданд | 2025-2026 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ | Иҷро карда шуд |
| Ҳадафи 11. Таҳкимбахшии иқтидор ва вазифаҳои танзимотии Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | | | | | |
| 33. | Ташкил ва таҳкимбахшии иқтидори кадрӣ ва захиравӣ (аз ҷумла, бизнес-усулҳо барои фаъолияти таҳлилӣ дар соҳаи хариди давлатӣ) Муассисаи давлатии «Маркази рушди хариди электронӣ»-и назди Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Муассисаи давлатии «Маркази рушди хариди электронӣ» ташкил ва муҷаҳазонида хоҳад шуд | 2024-2026 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ | Дар раванди иҷро қарор дорад |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 34. | Баррасӣ ва навсозии тартиби фаъолият дар портали ягонаи хариди давлатӣ ва қоидаҳои амалисозии хариди давлатӣ | Тартибу қоидаҳои дахлдор бозбинӣ, нав ва тасдиқ карда мешаванд | 2024-2025 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ | Иҷро карда шуд |
| 35. | Таҳия ва тасдиқи таснифгар (классификатор)-и ягонаи мол, кор ва хизматрасонӣ | Рӯйхати таснифгари ягонаи мол, кор ва хизматрасонӣ таҳия ва тасдиқ карда хоҳад шуд | 2024-2026 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ | Дар ҳоли оғози татбиқ |
| §11. Тадбирҳо оид ба гурӯҳбандии буҷет | | | | | |
| 12. Мукаммалсозии гуруҳбандиҳои буҷетӣ ва мувофиқ кардани онҳо бо Дастур оид ба омори молияи давлатии 2014. | | | | | |
| № | Чорабинӣ | Натиҷаи пешбинишуда | Мухлати иҷро | Мақомоти масъул | Ҳолати иҷро |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 36. | Марҳила ба марҳила дар маҳзани электронии Хазинаи Байналмилалии Асъор ҷойгир намудани омори молияи давлатӣ ва омори қарзи давлатӣ барои солҳои 2022-2024, мутобиқи Дастурамали омори молияи давлатии соли 2014 | Омори молияи давлатӣ ва омори қарзи давлатӣ барои солҳои 2022-2024 дар маҳзани электронии Хазинаи Байналмилалии Асъор ҷойгир карда хоҳанд шуд | 2024-2026 | Вазорати молия | Дар раванди иҷро қарор дорад |
| 37 | Таҷдиди назар ва тасдиқи гурӯҳбандии навшудаи минтақавӣ ва идоравӣ бо назардошти ҳама тағйироти воридшуда дар солҳои охир | Гурӯҳбандии буҷетии дахлдор таҷдид ва тасдиқ карда хоҳад шуд | 2025-2026 | Вазорати молияи ҶТ | Дар раванди иҷро қарор дорад |
| 38. | Баррасӣ ва тасдиқи гурӯҳбандии барномавии буҷетӣ аз рӯйи 5 тақсимкунандаи асосии маблағҳои буҷетӣ | Гурӯҳбандии барномавии буҷетӣ аз рӯйи 5 тақсимкунандаи асосии маблағҳои буҷетӣ таҷдид ва тасдиқ карда мешавад | 2024-2025 | Вазорати молия | Дар раванди иҷро қарор дорад |
| §12. Тадбирҳо оид ба назорати молиявӣ ва аудити дохилӣ | | | | | |
| Ҳадафи 13. Ҷорӣ намудани усулҳои аудити дохилӣ дар бахши давлатӣ дар асоси хатарҳои муайяншуда | | | | | |
| № | Чорабинӣ | Натиҷаи пешбинишуда | Муҳлат и иҷро | Мақомоти масъул | Ҳолати иҷро |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 39. | Таҳия, тасдиқ ва тадриҷан амалисозии методологияи гузаронидани аудити дохилии ба хавф нигаронидашуда (ва усули идоракунии хавфҳо аз рӯйи натиҷаҳои аудит) аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи таҷрибаи байналмилалӣ | Методологияи гузаронидани аудити ба таваккал асосёфта таҳия, тасдиқ ва истифода хоҳад шуд | 2024-2026 | Вазорати молия | Дар раванди иҷро қарор дорад |
| §14. Ташкили воҳидҳои аудити дохилӣ дар бахши давлатӣ ё таъмини воҳидҳои аудити дохилӣ бо вазифаҳое, ки мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми бахши давлатиро дар бар мегиранд | | | | | |
| № | Чорабинӣ | Натиҷаи пешбинишуда | Муҳлати иҷро | Мақомоти масъул | Ҳолати иҷро |
| 41 | Бо мақсади таъмини фарогирии пурра дар сатҳи ҷумҳуриявӣ тавсеаи тадриҷани вазифаҳои аудити дохилии маблағҳои буҷетӣ, ки қаблан аз ҷониби тақсимкунандагони асосӣ ва муассисаҳои дигари давлатӣ ба аудити дохила фаро гирифта нашудаанд | Вазифаҳои аудити дохилӣ тамоми ташкилотҳои буҷетиро дар сатҳи ҷумҳуриявӣ фарогирӣ хоҳанд шуд | 2025-2026 | Вазорати молия, вазорату идораҳои соҳавӣ | Иҷро карда шуд |
| **V. Тадбирҳо оид ба баҳисобгирии муҳосибӣ, мониториг ва ҳисоботдиҳӣ** | | | | | |
| 1. Тадбирҳо оид ба низоми иттилоотии идоракунии молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ниимд) | | | | | |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 42. | Марҳила ба марҳила таъмин намудани дастрасии фосилавӣ барои тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷетӣ ба низоми иттилоотии идоракунии молияи давлатӣ на танҳо дар марҳилаи иҷро, балки дар марҳилаи таҳияи буҷет | Шаклҳои тасдиқшудаи дастрасии тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷети ба низоми иттилоотии идоракунии молияи давлатӣ, аз ҷумла тағйироти дахлдор ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ворид хоҳанд шуд | 2024-2026 | Вазорати молия ва вазорату идораҳои соҳавӣ | Иҷро карда шуд |
| 43. | Ҳамгироии низоми электронии хариди давлатӣ бо низоми иттилоотии идоракунии молияи давлатӣ ва худкор намудани (дар сатҳи техникӣ ва меъёрӣ) раванди мубодилаи иттилоот байни низомҳо | Низоми электронии хариди давлатӣ бо низоми иттилоотии идоракунии молияи давлатӣ ҳампайваст карда шуд | 2024-2026 | Вазорати молия, Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ | Иҷро карда шуд |
| 44. | Ҳамгироӣ ва автоматикунонии пурраи (дар сатҳи техникӣ ва меъёрӣ) низоми ҳамгирошудаи идоракунии даромадҳо ба низоми иттилоотии идоракунии молияи давлатӣ | Низоми ҳамгирошудаи идоракунии даромадҳо ба низоми иттилоотии идоракунии молияи давлатӣ мутақобилан пайваст хоҳад шуд | 2024-2026 | Вазорати молия, Кумитаи андоз, Хадамоти гумрук, Бонки миллӣ | Дар раванди иҷро қарор дорад |
| 45. | Ҳамгироии низоми иттилоотии идоракунии молияи давлатӣ бо низоми иттилоотии ҳуҷҷатҳои электронӣ | Низоми иттилоотии идоракунии молияи давлатӣ бо низоми | 2024-2026 | Вазорати молия | Иҷро карда шуд |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | иттилоотии ҳуҷҷатҳои электронӣ мутақобилан пайваст хоҳад шуд | | | |
| 46. | Дар таҳрири нав таҳия ва ҷорӣ намудани низоми иттилоотии идоракунии молияи давлатӣ бо дарназардошти технологияҳои муосир ва стандартҳои ҷаҳонӣ | Низоми иттилоотии идоракунии молияи давлатӣ мукаммал ва ҷорӣ карда мешавад | 2024-2026 | Вазорати молия | Дар раванди иҷро қарор дорад |
| Ҳадафи 16. Ҷоринамоии модули музди меҳнат ва ҳамгироии низоми иттилоотии идоракунии захираҳои кадрӣ бо низоми иттилоотии идоракунии молияи давлатӣ | | | | | |
| 47. | Ҳамгироии пурраи (дар сатҳи техникӣ ва меъёрӣ) низоми иттилоотии идоракунии захираҳои кадрӣ бо низоми иттилоотии идоракунии молияи давлатӣ | Низоми иттилоотии идоракунии захираҳои кадрӣ бо низоми иттилоотии идоракунии молияи мутақобилан ҳамгироӣ (пайваст) хоҳад шуд | 2024-2026 | Вазорати молия, Агентии хизмати давлатӣ | Дар раванди иҷро қарор дорад |
| 2. Тадбирҳо оид ба баҳисобгирии муҳосибӣ дар бахши давлатӣ | | | | | |
| 48 | Марҳила ба марҳила ҷорӣ (ва дар ҳолати зарурӣ навсозӣ)-и стандартҳои миллӣ мутобиқи стандартҳои байналмилалии ҳисоботи муҳосибӣ дар бахши давлатӣ ва Дастури роҳнамоӣ оид ба истифодаи стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ дар бахши давлатӣ барои солҳои 2020-2025 | Дар низоми хазинадорӣ стандартҳои дахлдори миллӣ (мувофиқи стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ дар бахши давлатӣ) тасдиқ ва ҷорӣ карда хоҳанд шуд | 2025-2026 | Вазорати молия | Дар раванди иҷро қарор дорад |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 49 | Марҳила ба марҳила таҳия ва ҷоринамоии методологияи муттаҳидсозии ҳисоботи молиявӣ (дар асоси таҷриба дар сатҳи ду бахш) | Методология таҳия, тасдиқ ва амалӣ карда хоҳад шуд | 2025-2026 | Вазорати молия, вазоратҳои соҳавӣ | Дар раванди иҷро қарор дорад |
| Ҳадафи 16. Тағйир додани модули баҳисобгирии муҳосибӣ дар низоми иттилоотии идоракунии молияи давлатӣ барои ҷамъоварии дуруст ва ҳисоботдиҳии алоҳидаи амалиёти баҳисобгирии муҳосибӣ ва бақия тибқи талаботи Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ дар бахши давлатӣ | | | | | |
| 50. | Таҳия ва ҷоринамоии модули тағйирдодаи мутамарказонидашудаи баҳисобгирии муҳосибӣ, ки бо низоми иттилоотии идоракунии молияи давлатӣ ҳамгиро шудааст ва навсозии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ | Модули тағйирдодаи мутамарказі баҳисобгирии муҳосибӣ таҳия ва ҷорӣ карда хоҳад шуд (яъне ба низоми иттилоотии идоракунии молияи давлатӣ ҳамгиро̄й хоҳад шуд) | 2024-2026 | Вазорати молия | Дар раванди иҷро қарор дорад |
| Ҳадафи 17. Тағйир додани нақшаи ягонаи ҳисобҳо бо мақсади таҳияи ҳисоботи молиявии мутамарказонидашуда мутобиқи стандарти байналмилалии ҳисоботдиҳии молиявии бахши давлатӣ | | | | | |
| 51. | Таҳия ва тасдиқи нақшаи ягонаи тағйирдодаи ҳисобҳо ва дастурҳои дахлдор бо мақсади таҳияи ҳисоботи молиявии муттаҳидшуда, тибқи стандарти байналмилалии ҳисоботдиҳии молиявӣ дар бахши давлатӣ. | Нақшаи ягонаи тағйирдодаи ҳисобҳо ва дастурҳои дахлдор оид ба истифодаи он таҳия ва тасдиқ карда хоҳанд шуд | 2024-2026 | Вазорати молия | Дар раванди иҷро қарор дорад |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| §18. Таҳияи чаҳорчӯбаи салоҳият барои мутахассисони баҳисобгирии муҳосибӣ ва молия дар бахши давлатӣ | | | | | |
| 52. | Таҳияи чаҳорчӯбаи салоҳият барои мутахассисони соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва молия дар бахши давлатӣ (дар заминаи муассисаҳои таълимии касбӣ ва ғ.) | Чаҳорчӯбаи дахлдори салоҳият (барои мутахассисони соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ) таҳия мегардад | 2025-2026 | Вазорати молия, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, Вазорати маориф ва илм, Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон | Иҷро карда шуд |
| §15. Тадбирҳо оид ба мониторинги фаъолияти корхонаҳои давлатӣ | | | | | |
| № | Чорабинӣ | Натиҷаи пешбинишуда | Мухлати иҷро | Мақомоти масъул | Ҳолати иҷро |
| 53. | Аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тадриҷан васеъ намудани фарогирии мониторинг ва сифати ҳисоботи молиявии аз аудит гузаронидашудаи корхонаҳои давлатӣ | Фарогирии мониторинг ва сифати ҳисоботи молиявии аз аудит гузаронидашудаи | 2024-2026 | Вазорати молия | Иҷро карда шуд |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | корхонаҳои давлатӣ васеъ гардонида хоҳад шуд | | | |
| 54. | Таъмини кадрӣ ва моддӣ (ва баланд бардоштани иқтидор)-и шуъбаи таъмини шаффофияти маълумоти буҷетии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон | Иқтидор ва таъминоти захиравии шуъбаи таъмини шаффофияти маълумоти буҷетии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон баланд бардошта мешавад | 2024-2026 | Вазорати молия | Иҷро карда шуд |
| 55. | Мониторинги иҷрои Барномаи миёнамуҳлати идоракунии хавфҳои фискалии корхонаҳои азими давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027 | Ҳисобот оид ба рафти амалисозии Барнома омода ва бо тамоми ҷонибҳои манфиатдор мавриди баррасӣ қарор мегирад | 2024-2026 | Вазорати молия | Иҷро карда шуд |
| Ҳадафи 19. Тавсеаи фарогирии маҳфуздории ҳисоботҳои молиявӣ ва тақвияти ҳамоҳангӣ байни Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вазоратҳои дахлдори соҳавӣ ҷиҳати рафъи такрорёбии вазифаҳои дахлдори назоратӣ аз болои субъектҳои дорои манфиати умум ва корхонаҳои дигари давлатӣ | | | | | |
| 56. | Баланд бардоштани иқтидори кадрӣ ва таъминоти захиравии Корхонаи воҳиди давлатии «Маркази хизматрасонии маҳфуздорандаи ҳисоботи молиявӣ» -и назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон | Иқтидори кадрӣ ва таъминоти моддии Корхонаи воҳиди давлатии «Маркази хизматрасонии маҳфуздорандаи ҳисоботи | 2024-2026 | Вазорати молия | Иҷро карда шуд |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | молиявӣ» баланд бардошта мешавад | | | |
| 57. | Тақвият бахшидани раванди иҷрои уҳдадорӣ оид ба пешниҳоди ҳисоботҳои молиявӣ якҷо бо хулосаи аудиторӣ ба маҳфуздорандаи Корхонаи воҳиди давлатии «Маркази хизматрасонии маҳфуздорандаи ҳисоботи молиявӣ»-и назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби субъектҳои дорои манфиати умум ва корхонаҳои давлатӣ, бо роҳи ворид намудани санксияҳои ҷаримавӣ ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор барои риоя накардани чунин талабот | Раванди иҷрои уҳдадориҳои субъектҳои манфиати умумӣ ва корхонаҳои давлатӣ барои пешниҳоди ҳисоботи молиявии аз аудит гузаронидашуда бо санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҳким хоҳад ёфт | 2024-2026 | Вазорати молия | Дар раванди иҷро қарор дорад |
| §20. Таҳия ва ҷоринамоии меъёрҳои дақиқи арзёбии самаранокӣ ва мақсаднокии (молиявӣ ва амалиётӣ) барои корхонаҳои давлатӣ | | | | | |
| 58 | Таҳия ва ҷоринамоии меъёрҳои арзёбии самаранокии молиявӣ ва амалиётӣ барои корхонаҳои давлатӣ | Меъёрҳои дахлдори арзёбӣ таҳия ва тасдиқ карда хоҳад шуд | 2025-2026 | Вазорати молия | Дар раванди иҷро қарор дорад |
| **VI. Тадбирҳо оид ба аудити беруна ва назорат** | | | | | |
| §16. Тадбирҳо оид ба аудити беруна | | | | | |
| Ҳадафи 22. Таҳкимбахшии заминаи меъёрии ҳуқуқии миллӣ дар соҳаи аудити беруна | | | | | |
| № | Чорабинӣ | Натиҷаи пешбинишуда | Муҳлати иҷро | Мақомоти масъул | Ҳолати иҷро |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 59. | Марҳила ба марҳила ҷорӣ намудани стандартҳои миллии мақомоти олии аудитӣ ва қабули заминаи меъёрии ҳуқуқии дахлдор | Стандартҳои миллии дахлдори мақомоти олии аудитӣ таҳия ва тасдиқ мегарданд | 2024-2026 | Палатаи ҳисоб | Иҷро карда шуд |
| 60. | Таҳия, тасдиқ ва амалисозии Стратегияи нави миёнамуҳлати рушди Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон | Стратегияи нави миёнамуҳлати рушди Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва тасдиқ гардид | 2024-2026 | Палатаи ҳисоб | Иҷро карда шуд |
| 61. | Мустаҳкам намудани заминаи методӣ ва иқтидори кадрии шуъбаи аудит ва баҳодиҳии сифати Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон | Заминаи методӣ ва иқтидори кадрии воҳиди сохтории Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳким хоҳад ёфт | 2024-2026 | Палатаи ҳисоб | Иҷро карда шуд |
| 62. | Марҳила ба марҳила гузаронидани аудити самаранокӣ дар сатҳи бахшҳои таҷрибавӣ ва тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷетӣ, инчунин ҷойгиркунии хулосаҳои (ҳисоботҳои) аудиторӣ дар сомонаи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон, тибқи таҷрибаи байналмилалӣ | Хулосаи аудиторӣ аз натиҷаи аудити самаранокии гузаронидашуда дар сомонаи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир карда мешавад | 2024-2026 | Палатаи ҳисоб | Иҷро карда шуд |
| **VII. Тадбирҳо оид ба шаффофият ва ҳисоботдиҳӣ** | | | | | |
| §18. Тадбирҳо оид ба дастрасии аҳолӣ ба иттилоот | | | | | |
| № | Чорабинӣ | Натиҷаи пешбинишуда | Муҳлати иҷро | Мақомоти масъул | Ҳолати иҷро |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 63. | Таҳия ва тасдиқи (ё навкунии) ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи дастурҳои методӣ оид ба таҳия, мазмун ва интишори саривақтии оммавии ҳисоботҳои буҷетӣ (аз ҷумла буҷети шаҳрвандӣ) дар сомонаи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи амалияи байналмилалӣ | Дастури намунавӣ, аз ҷумла методология оид ба таҳия, мазмун ва нашри саривақтии ҳисоботи асосии буҷет, таҳия ва тасдиқ карда мешавад | 2024-2025 | Вазорати молия | Дар раванди иҷро қарор дорад |
| 64. | Мукаммал ва беҳтаргардонии мундарича ва сифати ҳафт (аз ҳашт) ҳуҷҷати асосии буҷетӣ мутобиқи методологияи хароҷоти давлатӣ ва ҳисоботи молиявӣ ва шохиси шаффофияти буҷетӣ | Мазмуну сифати камаш ҳафт хуҷҷати калиди буҷетӣ мукаммал карда хоҳад шуд | 2024-2026 | Вазорати молия | Дар раванди иҷро қарор дорад |
| 65. | Дар сомонаи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сари вақт ҷойгир намудани маълумоти буҷетӣ, инчунин иттилооти марбут ба ҷорӣ ва мониторинги тадбирҳо оид ба сиёсат ва ислоҳот дар самти идоракунии молияи давлатӣ | Маълумот оид ба буҷети давлатӣ сари вақт дар сомонаи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир карда мешавад | 2024-2026 | Вазорати молия | Иҷро карда шуд |
| 66. | Мунтазам гузаронидани вохӯриҳо ва муҳокимаҳо бо намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ дар самти идоракунии молияи давлатӣ ва буҷетикунонӣ дар марҳилаҳои гуногуни раванди таҳияи буҷети давлатӣ, тибқи таҷрибаи байналмилалӣ | Ҳамасола вохӯриҳо бо намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ оид ба баррасии буҷети шаҳрвандӣ, ҳисоботи солона дар бораи иҷрои буҷети давлатӣ ва самтҳои асосии сиёсати андозию буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор хоҳад гардид | 2024-2026 | Вазорати молия | Иҷро карда шуд |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 67. | Сари вақт ҷойгир намудани ҳисобот оид ба нишондиҳандаҳои ғайримолиявии натиҷабахшӣ (самаранокӣ) | Нишондиҳандаҳои ғайримолиявии соҳавӣ ва ҳисобот оид ба амалисозии сиёсати соҳавӣ ҳамасола дар сомонаи расмии вазорату идораҳои дахлдор нашр хоҳанд гардид | 2024-2026 | Вазорату идораҳои соҳавие, ки барои онҳо гурӯҳбандии барномавии буҷети тасдиқшуда мавҷуд аст | Дар ҳоли оғози татбиқ |